PDF Compressor Free Version



# Хотираҳои Амир Олимхон

PDF Compressor Free Version

# تاریخ

# حسن ابدال

نگارا

Maisonneuve Frères, Éditeurs, 3, Rue du Sabot

PDF Compressor Free Version

# Хотираҳои Амир Олимхон

КИТОБХОНАИ ШАХСИИ
№
Академик Ахрор Мухторов

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
1992

Муаллифи сарсухан, тавзеҳот ва таҳияи узви вобастаи Академияи улуми Тоҷикистон *Аҳрор Мухторов*

PDF Compressor Free Version

Муҳаррирон *Раҷаб Мардон* ва *Латиф Асозода*

ISBN 5—8362—0692—9

© Нашриёти «Адиб», 1992

PDF Compressor Free Version

# САРСУХАН

Манғитҳо номи яке аз қабилаҳои бодиянишини Осиё мебошад. Соли 1753 ҳукмронии сулолаи хонадони Аштархониҳо дар Бухоро сарнагун шуда Муҳаммадраҳимхон, аз қабилаи манғит, ба сари ҳокимият омад ва сулолаи Манғитияро асос гузошт. Ин сулола то соли 1920 ҳукмронӣ кардааст. Охирин амири Бухоро аз ин сулола Олимхон аз моҳи феврали соли 1911 то 1 сентябри соли 1920 давлатдор буд.

Баъди барқароршавии ҳокимияти халқӣ дар Бухоро Олимхон ба Афғонистон паноҳ ёфта, дар Кобул вафот кардааст. Дар рӯи санги гаҳворашакли фарозӣ болои қабри ӯ чунин матн сабт шудааст: «Ин хазираи пуралам ҳомили қабзаи хоки аморат ва фахоматбунёни, сиодатпаноҳ, подшоҳи ҳафтуми силсилаи манғитияи Бухорои Шариф, яъне ҷаноби олии мағфур Амир Сайид Олимхон, ибни марҳум Амир Сайид Абдулаҳад, ибни Амир Сайид Музаффархон, ибни Амир Сайид Насруллохон, ибни Сайид Ҳайдархон, ибни Амир Шоҳмурод, мулаққаб ба Маъсуми ғозӣ, ибни Амир Дониёлхон мебошад. Дар соли даҳуми салтанати он маҳрум аморати Бухорои Шариф аз тарафи куффори рус истило ва худаш ба сурати муҳоҷир, фӣ сабилуло, ба хоки ҳамсояи муҳсин ва мусаллами худ Афғонистон паноҳанда шуда. Баъд аз инкизои бисту се сол зист дар ин хоки исломӣ ба умри 64 солагӣ, рӯзи шанбе, 9 савр,

чонро лаббайк ва чашм аз дунёи фонӣ пӯшида. Ҳақтаолло рӯҳашро дар ҷувори раҳмати хеш ҷо диҳад. Омин».

Дар ин матн ибораи «Амир Сайид...» чолиб аст. Чунки дар ҳуҷҷатҳои расмии бо мӯҳри амирони дар боло номбар шуда калимаи «сайид» аз «амир» муқаддам аст. Шарқшиноси маъруф, профессор А. А. Семёнов, дар сӯҳбати ду амири Бухоро PDF Compressor Free Version шудааст. Ӯ нақл карда буд, ки ҳангоми сӯҳбат аз Амир Абдуллаҳадхон савол кардааст, ки сабаби муқаддамии ибораи «сайид» аз «амир» дар чист? Амир ҷавоб гуфтааст, ки «ман имрӯз амир ҳастам, фардо шояд амир набошам. Лекин ман ҳамчун сайид ба қабр меравам!».

Иштибоҳи дигар дар матни болой, Олимхонро подшоҳи ҳафтум номида аҷдодашро то амир Дониёл номбар кардан аст. Таааҷҷуб дар он аст, ки барои чӣ дар ин матн подшоҳи ҳаштум Муҳаммадраҳимхон, асосгузори хонадони сулолаи мангитияи фаромӯш шудааст? Агар ин ном «фаромӯш» намешуд Олимхонро подшоҳи ҳаштум номидан раво буд. Агар ба ҳақиқати таърихӣ назар кунем ӯ подшоҳи даҳум буд. Чунки баъди вафоти Амир Ҳайдар (1826) писарони ӯ Амир Ҳусайн ва Амир Умар пан ҳам як муддати кӯтоҳ ҳукм ронда буданд. Насруллло ба дасти қушбегӣ Амир Ҳусейнро кушт ва Амир Умарро аз тахт ронда, ба ғайри қонуни мавҷуда Амир шуд. Маълум мешавад, ки муаллифи матни рӯи қабри Олимхон, аз таърихи Бухоро чандон огоҳ набудааст. Ғайр аз ин, гумон меравад, ки номи Муҳаммадраҳимхон қасдан «фаромӯш» шудааст. Зеро ӯ соли 1753, бар хилофи муқарраротн мавҷуда, бо зарби яроқи Нодир шоҳи Эрон, ба ҳокимияти Бухоро соҳиб шуда буд. Ҳол он ки хонадони сулолаи Мангития дар аморати Бухоро ҳуқуқи ҳукмрониро надошт. Барои пинҳон намудани таърихи худсарӣ дар рӯи қабри амири Бухоро, номи аввалиниро аз хонадони Мангития сабт накардаанд.

Дар хотираҳои Олимхон таърихи сулолаи Мангития ва ҳар кадом амири он зикр наёфтааст. Ӯ танҳо саргузашти худ ва баъзе лаҳзаҳои ҳаёти падарашро ба қалам додааст.

Соли 1985 дар Кобул бо яке аз домодони амир ва духтарони ӯ (набераҳои Олимхон) ҳамсӯҳбат шуда будем. Онҳо нақл карданд, ки аз амир 13 писар ва 15 духтар мондааст. Вале аз чанд зан будани онҳоро домоди амир намедонист. Дар хотираҳои амир ҳаёти шахсии ӯ, зану фарзандонаш низ зикр наёфтаанд. Хотираҳои Олимхон чунин номида шудааст: «Ба қалами олиҳазрат Амир Сайид Олимхон, амири Бухоро. «Таърихи ҳузн ал-милали Бухоро». Ба саъй ва эҳтимоми генерал

* 29 апрели соли 1944.

Хоҷӣ Юсуф Муқимбой дар матбааи бародарон Мазан Навдар مزن نودر дар Порис табъ ва нашр гардид».

Ин китоб иборат аз се фасл аст. Фасли аввал хотираи амир ки дар 80 саҳифа (аз 101) ҷой гирифтааст. Фасли дуввум чунин номида шудааст «Ёддошти олиҳазрат Саййид Амир Олимхон, амири Бухоро, ки дар таърихи сентябри 1927 тавассути намоянда ва вакили мутлаки худ генерал Хоҷӣ Юсуф бий Муқимбой ба Анҷумани Иттифоқи Милал тақдим гаштааст». Фасли сейум «Таърихи зиндагонии умарои Бухоро» номида шуда, дар он тарҷимаи ҳоли амир Абдулаҳад ва Олимхон мухтасар баён ёфтааст.

Китоб бо хотираҳои генерали номбурда доир ба супоридани баёнияи Олимхон ба Анҷумани Иттифоқи Милал дар Женева хатм шудааст.

Дар хотираҳои Олимхон муҳити ҷуғрофӣ ва тартиби идоракунии аморати Бухоро, нуфуси ин мулк, вазифаи баъзе аз мансабдорон, амалиёти шахсони таърихӣ (муаллифи «Таърихи Салимӣ» Мирзосалимбек, Анварпошо, Иброҳимбек), муносибати Бухоро бо Русия ва ҳукумати муваққатӣ, бо англисҳо ва Афғонистон ва ғайра, масъалаҳои ҷолиби диққати арафа ва солҳои инқилоб зикр ёфтаанд.

Хотираҳои Олимхон аз якчанд ҷиҳат барои омӯхтани таърихи халқи тоҷик дорои аҳамияти махсус аст. Барои исботи он мехоҳем диққати хонандаро ба як масъала ҷалб намоем. Ин ҳам бошад ёрии Афғонистон ба амири Бухоро. Дар «Таърихи халқи тоҷик» (чопи Москва, с. 1964 ҷилди 3, китоби якум, саҳ. 81) зикр ёфтааст, ки дар ибтидои моҳи марти соли 1918 дар Бухоро отрядҳои афғонҳо ба ёрии амир омода шуда теъдодашон ба ду ҳазор мерасид. Ҳуҷҷати расмӣ ва шаҳодати муаллифони зерин гувоҳӣ медиҳанд, ки доир ба ин масъала иштибоҳи ҷузъӣ рох ёфтааст.

Бинобар он оиди ин далели таърихӣ мебояд муфассал равшанӣ андохт.

Дар бойгонии миллии Афғонистон (шаҳри Қобул) як силсила санадҳо маҳфузанд. Яке аз он мактуби ҷавобии подшоҳи Афғонистон Амонуллохон ба ду нафар мансабдори шаҳри Мазори Шариф мебошад. Аз матни он маълум, ки ин мактуб ба таърихи инқилоби халқии Бухоро бевосита алоқаманд аст:

«Олишонон, ҷалолатмаобон — Муҳаммад Иброҳимхон, нозири адлия ва Муҳаммад Сурурхон ноибсолор, ноиб ҳукумати Мазори Шарифро возеҳи хотир бод!

Аризаи маърӯзаи 3 моҳи ҷории шумоён ба шумули мактуби подшоҳи Бухоро(ро) бо илтимоси ҷавоби кофӣ бо дусад нафар ашхоси ҷаррор ва як зарб тӯби котирӣ, бо як зарб тӯби оташфишон, аз шумоён ва ҷавобе, ки барои маъзи илайҳ навишта ва дарҷи аризаи мазкураи худ кардаед, комилан ҳолии



PDF Compressor Free Version

1329 шамсӣ, мутобики 5 ҷумодуаввал 1363 ҳиҷрӣ* нидои арҷонро лаббайк ва чашм аз дунёи фонӣ пӯшида. Хактаолло рӯҳашро дар ҷувори раҳмати хеш ҷо диҳад. Омин».

Дар ин матн ибораи «Амир Сайид...» ҷолиб аст. Чунки дар ҳуҷҷатҳои расмии бо мӯҳри амирони дар боло номбар шуда калимаи «сайид» аз «амир» мукаддам аст. Шаркшиноси маъруф, профессор А. А. Семёнов, дар сӯҳбати ду амири Бухоро шудааст. Ӯ накл карда буд, ки ҳангоми сӯҳбат аз Амир Абдуллаҳадхон савол кардааст, ки сабаби мукаддамии ибораи «сайид» аз «амир» дар чист? Амир ҷавоб гуфтааст, ки «ман имрӯз амир ҳастам, фардо шояд амир набошам. Лекин ман ҳамчун сайид ба кабр меравам!».

PDF Compressor Free Version

Иштибоҳи дигар дар матни болой, Олимхонро подшоҳи хафтум номида аҷдодашро то амир Дониёл номбар кардан аст. Тааҷҷуб дар он аст, ки барои чӣ дар ин матн подшоҳи хаштум Муҳаммадраҳимхон, асосгузори хонадони сулолаи мангития фаромӯш шудааст? Агар ин ном «фаромӯш» намешуд Олимхонро подшоҳи хаштум номидан раво буд. Агар ба ҳакикати таърихӣ назар кунем ӯ подшоҳи даҳум буд. Чунки баъди вафоти Амир Хайдар (1826) писарони ӯ Амир Ҳусайн ва Амир Умар пай ҳам як муддати кӯтоҳ ҳукм ронда буданд. Насрулло ба дасти кушбегӣ Амир Ҳусейнро кушт ва Амир Умарро аз тахт ронда, ба ғайри конуни мавҷуда Амир шуд. Маълум мешавад, ки муаллифи матни рӯи кабри Олимхон, аз таърихи Бухоро чандон огоҳ набудааст. Ғайр аз ин, гумон меравад, ки номи Муҳаммадраҳимхон касдан «фаромӯш» шудааст. Зеро ӯ соли 1753, бар хилофи мукарраpоти мавҷуда, бо зарби яроки Нодир шоҳи Эрон, ба ҳокимияти Бухоро соҳиб шуда буд. Ҳол он ки хонадони сулолаи Мангития дар аморати Бухоро ҳукуки ҳукмрониро надошт. Барои пинҳон намудани таърихи худсарӣ дар рӯи кабри амири Бухоро, номи аввалинро аз хонадони Мангития сабт накардаанд.

Дар хотираҳои Олимхон таърихи сулолаи Мангития ва ҳар кадом амири он зикр наёфтааст. Ӯ танҳо саргузашти худ ва баъзе лаҳзаҳои ҳаёти падарашро ба калам додааст.

Соли 1985 дар Кобул бо яке аз домодони амир ва духтарони ӯ (набераҳои Олимхон) ҳамсӯҳбат шуда будем. Онҳо накл карданд, ки аз амир 13 писар ва 15 духтар мондааст. Вале аз чанд зан будани онҳоро домоди амир намедонист. Дар хотираҳои амир ҳаёти шахсии ӯ, зану фарзандонаш низ зикр наёфтаанд. Хотираҳои Олимхон чунин номида шудааст: «Ба каламн олиҳазрат Амир Сайид Олимхон, амири Бухоро. «Таърихи ҳузн ал-милали Бухоро». Ба саъй ва эҳтимоми генерал

---

* 29 апрели соли 1944.

Ҳоҷӣ Юсуф Муқимбой дар матбааи бародарон Мазан Навдар مزین نودر дар Порис табъ ва нашр гардид».

Ин китоб иборат аз се фасл аст. Фасли аввал хотираи амир ки дар 80 саҳифа (аз 101) ҷой гирифтааст. Фасли дувум чунин номида шудааст PDF Compressor Free Version «Ёддошти олиҳазрат Саййид Амир Олимхон, амири Бухоро, ки дар таърихи сентябри 1927 тавассути намоянда ва вакили мутлақи худ генерал Ҳоҷӣ Юсуф бий Муқимбой ба Анҷумани Иттифоқи Милал тақдим гаштааст». Фасли сейум «Таърихи зиндагонии умарои Бухоро» номида шуда, дар он тарҷимаи ҳоли амир Абдулаҳад ва Олимхон мухтасар баён ёфтааст.

Китоб бо хотираҳои генерали номбурда доир ба супоридани баёнияи Олимхон ба Анҷумани Иттифоқи Милал дар Женева хатм шудааст.

Дар хотираҳои Олимхон муҳити ҷуғрофӣ ва тартиби идоракунии аморати Бухоро, нуфуси ин мулк, вазифаи баъзе аз мансабдорон, амалиёти шахсони таърихӣ (муаллифи «Таърихи Салимӣ» Мирзосалимбек, Анварпошо, Иброҳимбек), муносибати Бухоро бо Русия ва ҳукумати муваққатӣ, бо англисҳо ва Афғонистон ва ғайра, масъалаҳои ҷолиби диққати арафа ва солҳои инқилоб зикр ёфтаанд.

Хотираҳои Олимхон аз якчанд ҷиҳат барои омӯхтани таърихи халқи тоҷик дорои аҳамияти махсус аст. Барои исботи он мехоҳем диққати хонандаро ба як масъала ҷалб намоем. Ин ҳам бошад ёрии Афғонистон ба амири Бухоро. Дар «Таърихи халқи тоҷик» (чопи Москва, с. 1964 ҷилди 3, китоби якум, саҳ. 81) зикр ёфтааст, ки дар ибтидои моҳи марти соли 1918 дар Бухоро отрядҳои афғонҳо ба ёрии амир омода шуда теъдодашон ба ду ҳазор мерасид. Ҳуҷҷати расмӣ ва шаҳодати муаллифони зерин гувоҳӣ медиҳанд, ки доир ба ин масъала иштибоҳи ҷузъӣ роҳ ёфтааст.

Бинобар он оиди ин далели таърихӣ мебояд муфассал равшанӣ андохт.

Дар бойгонии миллии Афғонистон (шаҳри Кобул) як силсила санадҳо маҳфузанд. Яке аз он мактуби ҷавобии подшоҳи Афғонистон Амонуллохон ба ду нафар мансабдори шаҳри Мазори Шариф мебошад. Аз матни он маълум, ки ин мактуб ба таърихи инқилоби халқи Бухоро бевосита алоқаманд аст:

«Олишонон, ҷалолатмаобон — Муҳаммад Иброҳимхон, нозири адлия ва Муҳаммад Сурурхон ноибсолор, ноиб ҳукумати Мазори Шарифро возеҳи хотир бод!

Аризаи маъруза 3 моҳи ҷории шумоён ба шумули мактуби подшоҳи Бухоро(ро) бо илтимоси ҷавоби кофӣ бо дусад нафар ашхоси ҷаррор ва як зарб тӯби котирӣ, бо як зарб тӯби оташфишон, аз шумоён ва ҷавобе, ки барои маъзи илайҳ навишта ва дарҷи аризаи мазкураи худ кардаед, комилан ҳоли

донистан хотир гардид. Чун қабл аз ин тарзи сиёсати худро барои шумоён муфассалан навиштаам, алҳол низ менигорам, ки ба сарҳаддорӣ ва корҳои дохилаи худҳо мутаваччеҳ бошед ва бидуни аҳкоми ҳузур ба чунин масоил иқдом накунед. Фӣ 20 моҳи мизон, 1299. Амонуллоҳхон».

Аз ин мактуб маълум мешавад, ки амири Бухоро барои ёрӣ ба ҳамсояи худ ҳукуматдорони Мазори Шариф пештар ҳам мурочиат кардааст. Подшоҳи Афғонистон бори аввал ҳам доир ба сиёсати худ нисбат ба воқеаҳои Бухоро мансабдорони номбурдаро огоҳонидааст. Вале бар хилофи таъкид онҳо барои ёрӣ ба амири Бухоро омодагӣ намуда, рухсати подшоҳи худро гирифтанӣ шудаанд. Устод С. Айнӣ дар асари худ «Дохунда» муносибати амири Бухоро ва Афғонистонро аз забони қаҳрамонҳо дар се мавриди таърихӣ тасвир кардааст. Бори аввал ҳангоми дар Бухоро ҳукм рондани амир, бори дуввум дар асnои гурехта истодани ӯ ва дафъаи саввум баъди дар Кобул сокин шудани амир Олимхон.

Рӯзҳои охири ҳаёти сокинони арки Бухоро ва рафту омади онҳоро ба назди Олимхон дар мавзеи Ситораи Моҳи Хоса тасвир намуда С. Айнӣ дар сӯҳбати ду мансабдори амир — ясавулбошии қушбегӣ ва тӯпчибошӣ, руҳияи онвақтаро хело хуб ба қалам овардааст. Аз тарафи яке аз ин мансабдорон ноумедӣ изҳор гардида, дигараш ясовулбошӣ, ӯро таскин медиҳад ва ба пойдории ҳукумати амирӣ бовар кунондани шуда якчанд далелҳо меорад. Яке аз умедҳои онҳо ҳамин буд: «Ба рафти кор нигоҳ карда ҳозирӣ ҳам дида истодаанд, аз дасти шербачаҳо, ки ҳама дуздони корномаинишондода мебошанд, бисёр умедҳо кардан мумкин аст. Хусусан дастаи афғонон касони бисёр озмуда ва чангидаанд, ҳар кадоми онҳо ба сад нафар «большевики мужик» чавоб гуфта метавонанд («Дохунда», нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1949, с. 256)

Аз ин порча он «дусад нафар ашхоси чаррори» дар мактуби Чавобии Амонуллоҳхон зикрёфта ба хотир меояд. Мутаассифона мактуби имдодхоҳонаи амир ва таърихи навишта шудани онро мо намедонем. Шояд дар ҳамон рӯзҳои охирини ҳукмронии худ Олимхон онро навишта мазмунашро барои байни аҳолӣ паҳн кардан, ба мансабдорони дарбор маълум карда бошанд.

Дар «Дохунда» албатта, мазмуни чавоби подшоҳи Афғонистон ба мактуби имдодхоҳии амир зикр наёфтааст. Вале аз рафти воқеа С. Айнӣ муносибати манфии Амонуллоҳхонро ба хубӣ ҳис намуда бори дуввум ба сари ин масъала баргаштааст.

Ин дафъа амир дар роҳи Қӯрғонтеппа барои гурехтан ба Афғонистон тайёрӣ медид. Дар ҳамин вақт мактуби Мирзои Урганчиро ба ӯ расониданд, ки аз Дарбанд равон карда

буд*. Ба қавли шарқшиноси маъруф профессори марҳум А. А. Семёнов (1873 — 1958) Мирзои Урганҷӣ аз шаҳри Урганҷ набуд. Ин номро барои он гирифтааст, ки пеш аз мансабдори дарбор гаштан ӯ дар даромадгоҳи сарои урганчиҳои шаҳри Бухоро нишаста вазифаи одии мирзогиро адо мекардааст. (А. А. Семёнов ҳамчун мансабдори подшоҳӣ бо амир Абдулаҳад, амир Олимхон, дарбориёни онҳо, аз ҷумла Мирзои Урганҷӣ ҳамсӯҳбат шудааст). Дар ин мактуб ба қатори як силсила маълумотҳо чунин навишта шуда буд:

PDF Compressor Free Version

«Аз давлатҳои беруна танҳо аз Инглис умед кардан дуруст аст, ки онҳо ҳамеша мехоҳанд Туркистонро аз дасти русон бигиранд. Давлати Афғонистон бошад, қавл надорад, вақте ки ба давлати олӣ захми чашм расид, чизҳои ваъдакардаашро надод ва боз ҳам ёрӣ медиҳем гуфта фиреб дода гаштааст; ба ҷадид будани Амонуллоҳхон ҳеҷ шакку шубҳа нест» (саҳ. 288).

Маълум мешавад, ки ҳангоми ба мансабдорони дар мактуби Амонуллоҳхон номбаршудаи Мазори Шариф супоридани мактуби амири Бухоро онҳо ваъдае дода будаанд. Вале барои иҷрои он аз подшоҳи худ иҷозатнома талабида, радди гирифтаанд, ки он сабаби ранҷиши Мирзои Урганҷӣ ва ба ҷадидӣ айбдор кардани Амонуллоҳхон гардидааст.

Навбати саввум масъалаи мадади Афғонистон ба амири Бухоро ва босмачиёни дар ҳудуди Осиёи Миёна амалкунанда дар «Дохунда» чунин тасвир ёфтааст:

«Иброҳимбек, Эшони Султон, Давлатмандбӣ, Абдулкаюмбӣ, Туғайсариғ, Барот-эшик-оқобошӣ ва соири қурбошиён ва сардорони босмачӣ ба даста ва навкарони худ дар шаҳри Кӯлоб сарҷамъ шуданд: пас аз он ки миёни худ аҳду паймон баста ҳамаи қурбошиён Иброҳимбекро ба сари худ калон бардоштанд, калонон дар як хона нишаста маҷлиси ҳарбӣ барпо карданд, Иброҳимбек гуфт:

— Корҳо мувофиқи матлаб меравад: ба дасти мо афтодани шаҳри Кӯлоб ин як фоли хайрест, ки пас аз ин то шаҳри Бухоро ба мо роҳ кушода хоҳад буд. Аз тарафи ҷаноби олӣ ҳам хабарҳои хуш расида истодааст: аз рӯи марҳаматҳои олӣ худо, пайғамбар ва шариат ба мо ёр аст: чунончӣ, бо вуҷуди сахтгириҳои ҳукумати Афғонистон, ки ҳеҷ намехоҳад миёни ҷаноби олӣ ва давлати Инглис робита пайдо шавад, дар ин кор роҳ ёфта шудааст, касе аз коргузорони консулхонаи давлатии Инглис ба либоси машкобӣ даромада миёни ҷаноби олӣ ва сафири Инглис хату хабар бурда оварда истодааст: ҷаноби олӣ ва сафир корро ба тарзе қарор додаанд, ки пас аз

---

* Дар «Таърихи нофеъӣ» таърихи ин мактуб низ зикр ёфта, муаллиф навиштааст, ки онро Мирзои Урганҷӣ аз Ҳисор равон карда буд.

ни мо аз ҷиҳати ярок ҳеҷ тангӣ намекашем; хоҳ аз роҳи Хонобод бошад ва хоҳ аз роҳи Бадахшон ба мо ҳаргуна ярок расида метавонад...» (саҳ. 341).

Аз ин баёнот равшан мешавад, ки ҳатто баъди дар Кобул гуреза шудани амир ҳам ҳукумати Афғонистон ба қувваҳои зиддиинқилобии Осиёи Миёна мадад нарасонидааст. Исботи онро мо дар ёддоштҳои Олимхон мехонем: «Баъдан оҷиз баонро сарриштаи худ саъй ва кӯшиш намудам. Бинорои тараддуди сарриштаи худ саъй ва кӯшиш намудам. Бинобар иродаи илоҳӣ, мувофиқи тақдиру насиби тараддудҳоям коргар нашуда расидани имдод ва ионат (аз тарафи Афғонистон — А. М.) аз назар дур буд. Лиҳозо ризо ба тақдири илоҳӣ дода ба доруссалтанати Кобул иқомат варзидам».

Сабаби раддияи Афғонистон чӣ буд?

Англия аз мақсади истилогарии худ даст накашида ба корҳои дохилии Афғонистон дахолат намуда, мақсади аз душвориҳои иқтисодӣ ва сиёсии ин мамлакат ба манфиати худ истифода бурданро дошт. Аз ҳамин сабаб халқи афғон инглисҳоро бад медид. Амири Афғонистон Амонуллоҳхон имкон надошт, ки рӯҳияи мардуми зери дасташро ба инобат нагирифта ба амири Бухоро кӯмак расонида, бо ин кори худ бо Англия наздик шавад.

Сабаби дигари аз ёрӣ худдорӣ кардани ҳукумати Афғонистон дар ин буд, ки Амонуллоҳхон охири моҳи феврали соли 1919 ба сари ҳокимият омада буд. Ӯ мехост, ки мавқеи худро ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам бо ҳамсоягони худ, махсусан давлати Шӯроҳо мустаҳкам намояд. Бо ин мақсад ӯ 7 апрели соли 1919 бо мактуб ба В. И. Ленин муроҷиат карда, барои бо Русияи Шӯравӣ бастани алоқаҳои дӯстона изҳори хоҳиш намуда буд. 27 майи соли 1919 бо имзои В. И. Ленин ва М. И. Калинин ҷавоби мактуби Амонуллоҳхон ба Кобул расида буд. Баъди ин навъ мукотибаҳо ва изҳори ақидаи дӯстона ёрии ярокнок ба амири Бухоро ва дигар қувваҳои зиддисоветӣ давлати Афғонро дар ҳолати ногувор мегузошт.

Сабаби дигари худдорӣ намудани подшоҳи Афғонистон аз ёрии ҳарбӣ ва мансабдорони худро ба ин кор роҳ надоданаш дар он буд, ки моҳи июни соли 1920 дар шаҳри Мазори Шариф шӯриши сарбозони афғон сар зада буд. Бе асос нест, ки Амонуллоҳхон ба мансабдорони ин шаҳр дар мактуби ҷавобиаш амр кардааст, ки ба корҳои Бухоро дахл нанамуда ба сарҳаддорӣ ва корҳои дохилаи худхо мутаваҷҷеҳ бошанд». Ин суханон чунин маънӣ доштанд, ки сарҳади давлати Афғонро аз паҳн шудани идеяҳои революцияи пролетарӣ ба дохили мамлакат «посбонӣ» намояд. Доир ба шӯриши сарбозони Мазори Шариф маълумоти кофӣ надорем ва таърихи сар задану паҳн шудани он ҳанӯз омӯхта нашудааст.

Аз рӯи асноди аз бойгонии миллии Афғонистон дастраси мо



PDF Compressor Free Version

гардида маълум мешавад, ки ҳукумати Афғонистон аз тарси ин шӯриш ба консули русҳо дар ин шаҳр таклиф кардааст, ки аз Мазори Шариф ба шаҳри Бомиён кӯчад. Сабаби иваз кардани ҷои намояндаи давлати революционӣ дар он буд, ки шӯриши сарбозони Мазори Шариф доираи васеъро гирифта бардавом гаштааст. Тахмин бояд кард, ки ингуна шӯришҳо дар зери таъсири ғалабаи инқилоби Октябр дар якчанд шаҳрҳои Мовароуннаҳр сар зада буд. Бинобар он ҳукумати Афғонистон бо баҳонаи таъмин намудани амнияти консули ҳукумати Русияи шуравӣ онро ба ҷои дигар кӯчонида аст.

Дар чунин шароити хавфноке, ки урду муқобили ҳукумати худ сар бардошта буд, ёрӣ расонидан ба ҳукумати амири сарнагунгашта, амалиёти ниҳоят хавфнок барои Афғонистон мегашт.

Бо вуҷуди ин Амонуллоҳхонро хайрхоҳи Инқилоби Октябр, ҳамфикри инқилобиёни Бухоро пиндоштан ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат намекунад. Сабаб он ки ҳарчанд ӯ ба амири Бухоро ва босмачиён ёрии фаъолона нарасонида бошад ҳам, амир Олимхон ва дигар қувваҳои зиддиинқилобии дар Осиёи Миёна шикаст хӯрда беруншударо қабул карда, онҳоро бо замину манзилгоҳ таъмин намуд. Барои равшан сохтани муносибати Амонуллоҳхон ба амири Бухоро ба хотираҳои худи Олимхон муроҷиат менамоем: «Явми чаҳоршанбе, ҳаштуми рамазони санаи 1339 (17 май 1921) ба дорулсалтанаи Кобул расидам. Барои сукунати бандаи оҷиз боғи шоҳӣ — Қалъаи Муродбекро тайёр намуда буданд, ки омада ба он ҷо қарор гирифтам. Аз тарафи олиҳазрат амири Афғонистон як даҳ нафар аз вузаро ва умаро ба боғи мазкур омада истиқбол намуда, сонияи олиҳазрат амири Афғонистон ин бандаи оҷизро ҳамроҳи чанд нафар аз мӯътабарин хоста, мулоқот намуда ба ҷамоли ҳамдигар мушарраф гардидам. Низ давлати Афғонистон муддати як моҳ меҳмондорӣ намуда баъд аз гузаштани як моҳ маблағи 12 ҳазор рупаи кобулӣ барои масорифу махориҷи ҳармоҳа (маош) муқаррар намуданд».

Олимхон дар Кобул ҳаёти осудаҳолона гузаронида ба корҳои дохилии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна фаъолона дахолат менамуд. Босмачиёнро бо яроқ таъмин карда, амалиёти зиддиинқилобии онҳоро роҳбарӣ мекард.

Амир дар Афғонистон 23 сол умр бурдааст.

Албатта, Олимхон баъзе воқеаҳои таърихиро идеализация кардааст, ки шарҳу эзоҳ мехоҳанд. Бидуни он, саргузашти амир аз забони ӯ ҷолиб буда, барои таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Мовароуннаҳр аз аҳамият холӣ нест. Бо ибораи дигар гӯем, бо як пораи муҳими таърихи халқ аз назари амири Бухоро наздик мешавем.

Ин китоб бо чунин тасвирҳо оро ёфтааст: «Байроқи давла-



PDF Compressor Free Version

ти Бухорои Шариф», «Арки салтанати давлати Бухоро», акси Амир Абдулаҳадхон, акси ҷенерал Ҳоҷи Юсуф, «Нишони салтанати Бухорои Шариф», «Сиккаи тиллои Бухоро», «Зарби тангаи Бухоро» ва «Муҳри давлатии амири Бухоро». Дар охири китоб харитаи рангаи аморати Бухороро ҳамроҳ намуда, дар он ноҳияҳои аз тарафи Русия забтшударо зикр кардаанд.

PDF Compressor Free Version

PDF Compressor Free Version

# Хотираҳои Амир Олимхон

PDF Compressor Free Version

## ФАСЛИ АВВАЛ

Ба номи худои бахшоянди меҳрубон.

Алҳамду лиллоҳи раб-ал-оламин в-ас-салават в-ас салом ало расулиҳи Муҳаммад ва олиҳӣ ва асҳобиҳӣ аҷмаин. Аммо баъд, бар замоири асҳоби дониш ва бар хавотири арбоби биниш пӯшида мабод, ки ман ходими фадавии (фидоӣ) миллати наҷибияи Бухорои Шариф Сайид Амир Олимхон, ҳукмрони мулки Бухоро будам. Кайфияти аҳвол ва саргузашти худро аз замони хурдсолӣ то замони салтанат дар пойтахти Бухоро ва муҳорибае, ки ҳамроҳи балшувик намуда, ҳикоёти ҳиҷрати худро, ки ба доруссалтанаи Кобул кардаам, дар силки таҳрир дароварда баён намуда, «Таърихи ҳузн ал-милали Бухоро» ном ниҳодам, то ки қориин ва нозирин аз баёни холоти ин банда ва салтанат, ки дар пойтахти Бухоро ва тааллиқоти он намуда, муҳорибаи ҳамроҳи балшувик карда ва ҳиҷрат дар Афғонистон намудаамро, матлаъ гардида ба дидаи инсоф назар намоянд.

Тӯтии нотиқаи лисонро дар шохсори баён чунин дар тараннум меоварам, ки чун ин бандаи даргоҳи олия Сайид Амир Абдулаҳад, шаҳриёри дорулфохираи Бухорои Шариф, дар овони истиқрори салтанати ҳазрати падари бузургвор, баъд аз таҳсили илми диниётро намудан, барои усули таълим ва қонуни салтанат ва мамлакатдорӣ, ба давлати узамои Рус дар умри сездаҳсолагиам, санаи 1893 мелодӣ, бо амру фармоиши ҳазрати шаҳаншоҳ, падари бузургвор, ҳамроҳи якчанд нафар мӯътабарини намакхӯрон дар Петербург озим гардида рафтем. Аз рӯи тарбияти мактабҳо бояд ҳафт сол хонда шавад. Бинобар хоҳиши падари бузургвор зудтар шудани таълимотро се сола муқаррар карданд. Дар ин се сол айёмҳои тобистон бинобар мактабҳо баста шудан, ба Бухоро, ба хизмати падар омаду рафт мекардам. Мудати се сол таълими улуми низоми мамлакатро ҳосил намуда хатм карда, имтиҳон додам.

Аз тарафи давлати узамои Рус ба валиаҳди давлати Бухоро маро мансуб гардонида дар санаи 1891 мелодӣ[1] аз Петер-

PDF Compressor Free Version

бург дар Бухорои Шариф, дар назди зоти шоҳонаи ҳазрати падари бузургворам боз гаштам.

Чун ба дастбӯсӣ ва мулокоти киблаи амҷодам (маҷид, бузург) мушараф шудам, маро муддати ду сол ҳамрикоб ба хидмати худ нигоҳ дошта, дар ин муддат баъзе таълимоти дохилаи ватани муқаддаси маҳрусаи (ҳудуди ҳифзшавандаи мамлакат) худро аз месоҳи муборакн худ таълим намуданд, ки аз он фавоид зиёд ҳосил намудам. Маро аз тарафи зоти шоҳонаи падари бузургвор ба ҳукумати вилояти Насаф, ки яке аз тавобеоти Бухорои Шариф буд, марҳамат фармуда, сарафрозӣ бахшиданд, ки хилъати шоҳонро дарбар ва маншури хисравонаро бар сар ниҳода, ба иҷозаи падари бузургворам азми вилояти мазкур гардидам, ки аъёну хос ва авоми вилояти мазкур истиқбол карда мулокот намуданд. Ман низ аҳволпурсӣ намуда, дохили курғони вилояти Насаф шуда, ҳама калоншавандагонро муборакбод дода, хурсанд ва мамнун гардонидам. Муддати ҳукумати ин бандаи оҷиз дар вилояти Насаф 12 сол буд. Дар ин муддат ҳукумат ҳамеша ба фуқародорӣ ва ғарибнавозӣ кӯшида, доди мазлумонро аз золимон ситонида, ба ҳакки афтодагон тараҳҳум намуда, аҳолии нуфуси вилояти мазкурро аз худ хурсанд ва мамнун мегардонидам. Наздикии вилояти мазкур дарёе, Боқашка (?) ном убур менамуд, ~~ин~~ ба гузаштани он аҳолии фуқароёнро хеле дар ташвиш дида, барои осоиши аҳолӣ ба дарёи мазкур як пул аз сангу оҳак ба номи худ бино намудам, ки фақиру фуқароён аз ташвиш мухаллас (халосӣ) ёфта бо осудагӣ бошанд. Дигар барои бинои мадорис ва ибодатхонаҳо саъйи мавфур (фаровон) нузур доштам. Баъд аз ин дувоздаҳсола ҳукуматам, падари бузургворам, маро дар ҳукумати вилояти бодияхурок, машҳур ба Кармина, ки ин ҳам яке аз тобеъи дорулфохиран Бухорои Шариф буд, интикол дода, ба зоти шоҳонаи худ наздик оварданд.

Аз ҳукумати вилояти Насаф ба вилояти Кармина ҳукмрон гардидам. Дар вилояти мазкур мудати ду сол ҳукмронӣ намудам. Дар ин асно зоти шоҳона, ҳазрати Сайид Амир Абдулаҳадхон, падари бузургворам, ба тақдири илоҳӣ сари фаноро аз гиребони бақо бароварда, реҳлат намуданд. Муддати салтанати ҳазрати шаҳрёри зав ул-иктидор, падари бузургворам, 26 сол буд.

Дар даҳуми моҳи муҳаррам, санаи 1329 ҳиҷрӣ, мутобиқи санаи 1911 мелодӣ, ба тахти салтанати мавруси, (мерос монда) ба ҷои падари марҳуму мағфурам, дар маснади подшоҳӣ нишастам. Умуми нуфуси Бухорои Шариф бо ин бандаи оҷиз дасти байъат (аҳду паймон) доданд.

Баъд аз ҷилуси ин бандаи даргоҳи илоҳа, хироҷи яксолаи мамолики худро ба фуқароён ба тарики эъто (бахшиш) маъоф намуда сарафроз гардонидам. Баъд аз гузаштани як сол ба интизоми мамлакатдорӣ ва фуқаропарварӣ кӯшидам.

PDF Compressor Free Version

## ФАСЛИ АВВАЛ

Ба номи худои бахшоянди меҳрубон.

Алҳамду лиллоҳи раб-ал-оламин в-ас-салават в-ас салом ало расулиҳи Муҳаммад ва олиҳӣ ва асҳобиҳӣ аҷмаин. Аммо баъд, бар замоири асҳоби дониш ва бар хавотири арбоби биниш пӯшида мабод, ки ман ходими фадавии (фидой) миллати наҷибияи Бухорои Шариф Сайид Амир Олимхон, ҳукмрони мулки Бухоро будам. Кайфияти аҳвол ва саргузашти худро аз замони хурдсолӣ то замони салтанат дар пойтахти Бухоро ва муҳорибае, ки ҳамроҳи балшувик намуда, ҳикоёти ҳиҷрати худро, ки ба доруссалтанаи Кобул кардаам, дар силки таҳрир дароварда баён намуда, «Таърихи ҳузн ал-милали Бухоро» ном ниходам, то ки қориин ва нозирин аз баёни холоти ин банда ва салтанат, ки дар пойтахти Бухоро ва тааллиқоти он намуда, муҳорибаи ҳамроҳи балшувик карда ва ҳиҷрат дар Афғонистон намудаамро, матлаъ гардида ба дидаи инсоф назар намоянд.

Тӯтии нотиқаи лисонро дар шохсори баён чунин дар таранум меоварам, ки чун ин бандаи даргоҳи олия Сайид Амир Абдулаҳад, шаҳриёри дорулфохираи Бухорои Шариф, дар овони истиқрори салтанати ҳазрати падари бузургвор, баъд аз таҳсили илми диниётро намудан, барои усули таълим ва қонуни салтанат ва мамлакатдорӣ, ба давлати уззамои Рус дар умри сездаҳсолагиам, санаи 1893 мелодӣ, бо амру фармоиши ҳазрати шаҳаншоҳ, падари бузургвор, ҳамроҳи якчанд нафар мӯътабарини намакхӯрон дар Петербург озим гардида рафтем. Аз рӯи тарбияти мактабҳо бояд хафт сол хонда шавад. Бинобар хоҳиши падари бузургвор зудтар шудани таълимотро се сола муқаррар карданд. Дар ин се сол айёмҳои тобистон бинобар мактабҳо баста шудан, ба Бухоро, ба хизмати падар омаду рафт мекардам. Мудати се сол таълими улуми низоми мамлакатро хосил намуда хатм карда, имтиҳон додам.

Аз тарафи давлати уззамои Рус ба валиаҳди давлати Бухоро маро мансуб гардонида дар санаи 1891 мелодӣ[1] аз Петер-

бург дар Бухорои Шариф, дар назди зоти шоҳонаи ҳазрати падари бузургворам боз гаштам.

Чун ба дастбӯсӣ ва мулоқоти қиблаи амҷодам (маҷид, бузург) мушараф шудам, маро муддати ду сол ҳамрикоб ба хидмати худ нигоҳ дошта, дар ин муддат баъзе таълимоти дохилаи ватани муқаддаси маҳрусаи (ҳудуди ҳифзшавандаи мамлакат) худро аз месони муборақи худ таълим намуданд, ки аз он фавоид зиёд ҳосил намудам. Маро аз тарафи зоти шоҳонаи падари бузургвор ба ҳукумати вилояти Насаф, ки яке аз тавобеоти Бухорои Шариф буд, марҳамат фармуда, сарафрозӣ бахшиданд, ки хилъати шоҳонро дарбар ва маншури хисравонаро бар сар ниҳода, ба иҷозаи падари бузургворам азми вилояти мазкур гардидам, ки аъёну хос ва авоми вилояти мазкур истиқбол карда мулоқот намуданд. Ман низ аҳволпурсӣ намуда, дохили қурғони вилояти Насаф шуда, ҳама калоншавандагонро муборакбод дода, хурсанд ва мамнун гардонидам. Муддати ҳукумати ин бандаи оҷиз дар вилояти Насаф 12 сол буд. Дар ин муддат ҳукумат ҳамеша ба фуқародорӣ ва ғарибнавозӣ кӯшида, доди мазлумонро аз золимон ситонида, ба ҳаққи афтодагон тараҳҳум намуда, аҳолии нуфуси вилояти мазкурро аз худ хурсанд ва мамнун мегардонидам. Наздикии вилояти мазкур дарёе, Бокашка (?) ном убур менамуд, ки ба гузаштани он аҳолии фуқаронёнро хеле дар ташвиш дида, барои осоиши аҳолӣ ба дарёи мазкур як пул аз сангу оҳак ба номи худ бино намудам, ки фақиру фуқаронён аз ташвиш мухаллас (халосӣ) ёфта бо осудагӣ бошанд. Дигар барои бинои мадорис ва ибодатхонаҳо саъйи мавфур (фаровон) музур доштам. Баъд аз ин дувоздаҳсола ҳукуматам, падари бузургворам, маро дар ҳукумати вилояти бодияхурок, машҳур ба Кармина, ки ин ҳам яке аз тобеъи дорулфохираи Бухорои Шариф буд, интиқол дода, ба зоти шоҳонаи худ наздик оварданд.

Аз ҳукумати вилояти Насаф ба вилояти Кармина ҳукмрон гардидам. Дар вилояти мазкур мудати ду сол ҳукмронӣ намудам. Дар ин асно зоти шоҳона, ҳазрати Сайид Амир Абдулаҳадхон, падари бузургворам, ба тақдири илоҳӣ сари фаноро аз гиребони бақо бароварда, реҳлат намуданд. Муддати салтанати ҳазрати шаҳрёри зав ул-иқтидор, падари бузургворам, 26 сол буд.

Дар даҳуми моҳи муҳаррам, санаи 1329 ҳиҷрӣ, мутобиқи санаи 1911 мелодӣ, ба тахти салтанати мавруси, (мерос монда) ба ҷои падари марҳуму мағфурам, дар масади подшоҳӣ нишастам. Умуми нуфуси Бухорои Шариф бо ин бандаи оҷиз дасти байат (аҳду паймон) доданд.

Баъд аз ҷулуси ин бандаи даргоҳи илоҳа, хироҷи яксолаи мамолики худро ба фуқаронён ба тариқи эъто (бахшиш) мvolunteers намуда сарафроз гардонидам. Баъд аз гузаштани як сол ба интизоми мамлакатдорӣ ва фуқаропарварӣ кӯшидам.

Дар бинои интизом ва ободии давлати Бухоро саъйи мавфур ба зуҳур овардам. Ба бинои мадорис ва ибодатхонаҳо шуғл варзидам. Барои таълими ҳар улум тараддуди болиғ (комил) доштам. Дар наздикии арки Бухорои Шариф, (ки) Болои Ҳавз меноманд, ба номи худ як масҷид — ибодатгоҳ бино намудам. Дар [illegible] манори Бухоро, ба даруни бозор як мадраса — Дорул Улум, ба номи худ бино намуда, барои таълими ҳар улум муаллим таъйин фармуда, барои масориф ва маошу пӯшоки толибони дар мадрасаи мазкур истиқомат меварзидагӣ, аз тарафи худ, як нафар нозир таъин намуда, хурок ва маош ва пӯшок дар вақти муайян мерасонидам. Дар ободии асвоқ (бозор) ва зуруб (анвоъ) хеле саъй дошта, дар муддати се сол хеле мамлакати Бухороро обод намуда зебу зинват додам. Аз тараддуди саъю кӯшишам нуфуси Бухоро ва мамолик хеле мамнун буданд. Банда шукрона менамудам, ки барои миллати худ хизмати аз дастам меомадагиро мекунам.

PDF Compressor Free Version

Бандаи очизро дар мамолики Турон муддати салтанат даҳ сол буд. Баъд аз инқизои даҳ сол ҳамроҳи давлати Сувети Ҷумҳурӣ Балшувик муқаддима намуда, охир ул-амр, ба давлати Афғонистон ҳиҷрат намудам.

## ҲИКОЯТИ МУҲОРИБАИ БАЛШУВИК

Ҳикояти муқаддимаи ҳамроҳи балшувик карданам ва ҳиҷратро ихтиёр намуданам барои ёдгори нозирин таҳрир медорам, то аз аҳволоти саргузашти худ воқиф гардонам.

Чун давлати Бухорои Шариф аз аҳди салтанати худам, Саййид Амир Музаффархон махфури олизамон салтанати Саййид Амир Абдулаҳадхон мағфури марҳуми падари бузургворам, то замони муддати салтанатӣ ин бандаи оҷиз дар Бухоро буд, то вақти истиқрори салтанати давлати муаззами Рус, мудати 63 сол иттиҳоди дӯстӣ ва ошноӣ ба зуҳур расида, дӯстии давлатин барқарор ва бардавом буд*. Азбаски дар вақти худам давлати Рус бо давлати Бухоро муоҳида намуда дар муоҳидаашон аз хусуси асокир ва олоти ҳарбӣ аз Бухоро мавқуф шуда, барои аспоби ҳарб ва аскария давлати Рус худ — зиммадор гардида, 12 ҳазор асотир муқаррар шуда, барои муҳофизати мамлакат ҳаргоҳ аспоби асокир лозим мебуд, аз тарафи давлати Рус барои давлати Бухоро муҳайё буд. То замони будани давлати императорӣ ба асокир ва олоти ҳарбӣ давлати Бухоро ҳеч эҳтиёҷ надошта, бо осудаҳолӣ ҳукмронӣ намуда ва ба ободии мамлакатҳо мекӯшидем. Баъд аз инчунин инқилоби давлатии Рус ин бандаи даргоҳи илоҳӣ ба сарришта ва тараддуди давлати худ саъйи балиғ намудам.

---

* Аввали ҷумла равшан нест.

Бинобар тақдири ҳазрати худованд аз ҷамоаи Рус якчанд мардумони бе асил ва шахсони ҷоҳил пайдо гардида, рахна ба давлати узамои Рус андохтанд. Ба худ мусаммам намуда, мардумонро таклиф дода, ҳар ҷо, ки ба ин қонуни бе асл ашхосе, ки рағбат доштанд, муҷтамеъ гардониданд. Охируламр давлати императории Русро аз салтанат фурӯд оварда, аз
PDF Compressor Free Version
ҷамоаи худхоҳ чанд нафар калон бардошта, ҳукумати худҳоро Маҷлиси Шурои Муваққатӣ ном ниҳода Керенскийномро Раиси ҷумҳурӣ бардошта. Ин давлати муваққатиҳошон чанд моҳ давом намуд. Аз тарафи ҳукумати ҷамҳури Керенский мазкур Преображенский ном яке вукалои вазири мухтор гардида дар дор ул-фохираи Бухорои шариф омаданӣ шуда, ворид шуд. Ҳамроҳи ин бандаи оҷиз мулоқот гардида гуфтушунид ва муоҳидаи давлатинро иҷро намуда, истиқлоли давлати Бухороро бо ин бандаи оҷиз доди муоҳада намуда, имзо кард, вопас мурочаат намуд.

Зоти шоҳонаам баъд аз истиқлоли давлати Бухороро ҳосил намудан, ҳамроҳи давлати Афғонистон равобити дӯстӣ ва ошноӣ ба зуҳур оварда, аз тарафи давлати Бухоро вазир Тӯраҳӯҷа ва Муллоқутбиддинро ба давлати Афғон фиристодам[2]. Дар ин асно Ҳоҷӣ Сафарбийро низ ба намояндагии худ назди комиссюни (комиссия) инглисӣ дар Машҳад фиристонидам. Комиссюни мазкур низ ҷавоби мувофиқ дод. Баъд ман ба балшувикҳо эълон кардам, ки бояд Бухороро тахлия намоянд. Балшувикҳо муқовимат карданд. Дар ин зимн Мирзо Салимбек парвоначӣ ва Абдурауф Қорвонбоширо барои раҳнамоии асокири инглисӣ ба Чаҳорҷӯй фиристонидам. Вале ба маҳзи вуруди онҳо ба Чаҳорҷӯй асокири инглисӣ муҳоҷират карда буданд[3].

Ҳамин ки давлати Афғонистон ҳамроҳи давлати Британия муҳориба тамом намуданд, баъд аз тарафи давлати афғон ҷенерол Муҳаммадвалихон вазири мухтор гардида ба давлати муқаддаси Бухорои Шариф омада (бо) зоти шоҳонаам... мулоқот намуданӣ шуда, аз тарафи олиҳазрат амири Афғон тӯҳфаи бисёр оварда, ба ин бандаи оҷиз таслим намуда, ҳамроҳи вазири мухтор мулоқот намудам. Дар асnoи мусоҳибат аз ин бандаи оҷиз мақсади шахсӣ суол намуд. Ба ҷавоби он гуфтам: айни машвара ҳамин хоҳад буд, ки ҳамроҳи балшувик оғози ҳарб намоям, зеро ки ҳамин фурсат ниҳоят далолат дар зафъи душман дида мешавад. Вақтро ғанимат донистан лозим, лобудди (ногузир) аст. Аз баски ин вазири мухтор мавсуфи шахси дурбин ва ҳавохоҳи давлати ислом мебошад, барои ман чунин посух дод, ки Шумо ҳамроҳи давлати Афғонистон яке, ҳарду бародар ҳастед. Ями Шумо алҳол дар муқобилаи давлати Британиё камар баста, оғоз ҳарб намуда. Шумо ҳам аз интараф бо давлати балшувик ҳамин рафтор намоед, мабодо худо накарда, ба воситаи Шумо ҳарду бародар худдоми (хо-

дим) миллат сабаби харобии ду давлат ба олами ислом зоҳир гардад ва таъҷил ба кор набаранд, то ки дида шавад, ки кори бародаратон ба куҷо анҷом хоҳад ёфт. Баъд аз он ба салоҳ ва машварати ҳамдигар кор намоянд беҳтар хоҳад буд. Чунин гуфтори ин вазири аъзам айни савоб буд. Хайрияти худро ба ҳамин донистам ва ин амрро насиби хотири худ дошта, чанд вақт сабрро пешаи худ сохтам.

PDF Compressor Free Version

Муҳаммадвалихон аз тарафи давлати Бухоро ба тарафи давлати Рус муроҷиат намуд. Олиҳазрат амири Афғонистон ба тариқи равобити истеҳкоми дӯстӣ Фазлаҳмадхон баркади (полковник) низомиро бо маъа дусад нафар аскария, як даста музика, 7 тӯб, 7 адад фил барои ман равона карданд[4]. Дар ин асно барои тадобир ва сариштаи мамлакатдорӣ ба давлати Муаққати Ҷумҳури Керинский аз тарафи худ, ин бандаи оҷиз мехостам шахси мӯътамади худро вафди (ҳайати сафорат) худмухтор гардонида фиристода, таҷдидан муоҳида имзо намоям. Давлати муаққатии мазкур, ба андак фурсат, дар байни худхошон инқилоб пайдо гардида ду қисм шуданд. Яке меншевик ва яке балшувик. Ҳарду ҷамоаъ бо ҳам муҳориба оғоз карданд. Лиҳозо, хеле дар байни эшон муқобила ва муқотила афтода, охируламр давлати Рус дар балшувик қарор ёфта, ҳамагӣ калоншавандагони Рус ба ҳар давлат парокanda шуда паноҳгузини гардиданд. Қонуни ин ҷамоаи балшувик ба ҳеҷ гуна диниста ва дида нашуд. Чунки ҳамеша дар тараддуд ва таҳрики ин ҷамоа ба харобии ҳукумат ва вайронии мамлакат ва мафқуд (аз миён бардоштан) намудани одамон ва ибодатхонаҳои худ буда, ба ҳарҷо, ки шахси мӯътабар ва давлатдор медиданд, аз ҳар фариқ (тоифа) ғорат ва тороҷ намуда, қатли ӯро ба худҳо лозим мешумориданд. Ба қавли эшон ҳам эътимод карда нашуд.

Дар ин авқот ин бандаи оҷиз ба сариштаи мамлакати Бухоро руҷӯ намуда, саъй ва кӯшиш варзидам. Ҷамоаи балшувик ба ин қонуни бе асл ва ба мазҳаби ботила ва сулуки фоҳиша, ки қасди самимӣ доштанд, иҷро намуда, ба мурури айём ин сулуки шиаашон (?) ба давлати муқаддаси Бухоро сироят намуда. Шахсони ҳомил ва мардумони бе илм сулуки беасли Русияи балшувик, музаммили хотир ва ба иҷрои он саъй доштанд, қарибан 117 нафар бо мардумони самарқандӣ ва тошкандӣ иттифоқ ва маҷмаъ гардида, ду нафар аз калони он ҷамоа Файзуллоҳоҷаюф ва Мирзомуҳиддин Мансуров ба онон ба муфсидони балшувик мақсуди худро зоҳир дошта, муовинат хостанд. Ҷамоаи балшувик кӯмаки муфсидони (бадкорон) ҷадидӣ шуда, Колисуф ном дар роҳи оҳани Когони Бухоро омада, дар моҳи ҷимоди ус-сонӣ, 1336 ҳиҷрӣ, ба рӯзи шанба, эълони ҳарб дода, ҳамроҳи давлати Бухоро муҳориба оғоз намуданд[5].

Ба авни иноятҳи илоҳӣ ва мадади шариати набавӣ, бо вуҷу-

ди камии асбоб ва олоти харбӣ, зафар ба ҷониби аҳли исломи Бухоро шуда, ин банда зафар ёфт.

Балшувикон ба матлуби худ норасида ризо ба сулҳ доданд. Ин банда ас-сулҳи хайрро малҳузи (мулоҳиза) хотир дошта, ислоҳ намуда, муньакид гардидам. Баъд аз ин муҳориба аз тарафи Ленин ва Троцкий, Элиава ва Буруйдо ном вазири мухтор гардида ба Бухоро омада ҳамроҳи ин бандаи оҷиз гуфтугузор намуда, истиқлолномаи Бухороро барои ман дода, ваъдаи асбоб ва олоти ҳарбӣ намуда. Қабл аз ин яксад сол харҷо, ки хоки давлати Бухоро буд, барои ман таслим намуда, ҳамчунин 50 ҳазор милтиқ, 500 тӯп, пулимёт, 50 аэроплон, 50 миллион сӯм тилло ваъдаи овардан намуданд. Аз тарафи давлати Сувет Аксулрот номро ба давлати Бухоро сафир таъйин намуда, ба тариқи истеҳсолоти дӯстӣ дар муқобили давлати Афғонистон, 11 адад тӯпи бе ӯқ барои ман бахшиш гӯён аз Тошканд фиристоданд. Чи будани муомилоти балшувикро аз ин тӯпҳои бе ӯқ донистa шудам. Ин бандаи оҷиз муомилоти балшувик ва сафири онро мувофиқи муоҳидашон надида, хотирам маҳотира пайдо шуда, барои сариштаи интизоми асокир ва олоти ҳарбӣ тараддуд ва саъй намудам.

Ба фурсати ду сол камобеш асокир ва олоти харбӣ, дар Бухоро андаке ҷамъ оварда, ба дараҷаи интизом расонидам. Чун ҷамоаи балшувикӣ қонуни худро иҷро намуданд, аз ҳар тараф балшувикҳо сар бардошта муқобала ва муқовамат намуда, балшувикро беқувват карда, дар изтироб андохтанд. Роҳхон охани Русияро бардошта аз ҳар тараф, ки муқаддима эҷод гардид, давлати балшувикӣ хеле заиф гардид, ин бандаи оҷиз ба хотираи музаммам доштам, ки ҷамоаи балшувик андак фавт ҳосил намояд, албатта интиқоми худро аз давлати Бухоро хоҳад гирифт. Дар ин азмина (аём) асокири худро ҳаракат дода оғози муҳориба эҷод карданӣ будам.

Ҳукумати Хоразм ҳамроҳ барои ман муоҳида намуда, дар зери идораи ман омада, бо ҳам ҳамроҳи балшувик муҳориба намудан ҳоҳиш доштанд.[6] Магар давлати балшувик зӯрбазӯр рӯ дар тараққӣ ниҳода, бо ин муомилотҳо вақт гузашта фавт гирифт. Лиҳозо, ин бандаи оҷиз бинобар мавосои замон як чанд нафар аз тарафи худ дар назди Ленин ва Троцкий вафд (вакил) намуда фиристодам. Таҷдидан муоҳида имзо намуданӣ шудам. Беэътиборӣ ва беоқибатии ин ҷамоаро хуб медонистам. Агар ҳамроҳи ин ранг ҳукумати беасил ва бе оқибат муоҳида намоям дар назди давлатҳои азимаи хориҷа сабаби бадномии давлати Бухоро хоҳад шуд. Аз хотири худ ин маъниро дур дониста қатъан бе матлаб бе муддао, ба тариқи муборакбод бинобар мувосои замони инқилоб панҷ нафар ҷенерал Маҳдихон, Ҳоҷиҷурабек туқсабо, Ғайбулло Хоҷа хоҷӣ,



PDF Compressor Free Version

Мирзонаврўзбий ва як нафари дигар дар назди Ленин ва Тротский ба Маскав фиристодам.

Азбаски давлати Бухоро ба андак фурсат чизе ба дараҷаи интизом дида шуд ва шафқат ҳам мазҳаби исломӣ мо ҳарду бародарро ҷузъи як бадан сохт ва бо давлати Афғонистон муоҳида [illegible] гардид, аз ин хусус ҷамоаи балшувик PDF Compressor Free Version рашк бурда, агар чунин давлати Бухоро оҳиста-оҳиста ба дараҷаи интизом расидан гирад, давлати ҷумҳури моёнро ба ҳоли парешон ва мубталои ранҷу кулфат хоҳанд намуд. Ҳоли кам асбоб лозим, ки сариштаи он кўшида, худро аз ин меҳнат халосӣ намоям.

Баъд аз ин рўз ба рўз муомилоти балшувикӣ бо давлати Бухоро сахт гардида, матлубҳои аз ғайри қонун иҷро намуда ҳар замон оғози ҳарбро пеша кард. Ба мавқеъ аз фуқаронёни Бухоро аз роҳ дастгир намуда маҳбус месохтанд. Охируламр, душманони давлати ислом асокир ва алоти ҳарбиро ҳеле ҷамъ оварда мехостанд, ки дар Бухорои Шариф қасди ҳуҷум намоянд. Ин бандаи оҷиз дар муқобили душман асокири худро муҳайё намуда, ҷамъ оварда ба ҳар атрофи истгоҳи хатти оҳани Когони Бухорои Шариф мусаллаҳ гардонида интизом намудам. Қавми балшувик чоплусиҳои зиёд намуда, робитаи дўстӣ ағзо карда, либоси макру фиреб дарбар карда, сари тадбир аз гиребони шайтанат ва фитна бароварда, аз бароиислоҳ як нафар Баракуф ном вазири хориҷа (ро) вакили мухтор намуда, аз Тошканд фиристоданд. Вакили мухтори махсус дар назди ин бандаи оҷиз омада шуда узрхоҳӣ карда гуфтушуниду муоҳида намуда, илтимос намуд, ки «давлати Рус аз овони 55 сол инҷониб бо давлати Бухоро дўстӣ ва ошноӣ намуда, то ҳол давлати моён аз давлати Бухоро манфиатҳои куллӣ дида ҳеч зараре дар байни давлатин вокеъ нашуда. Мехоҳам, ки баъд ал-явм ҳам дар байни давлатин дўстӣ ва ошноӣ ба зуҳур расида, аз давлати Шумо ионат (кўмак) ва манфиат ёбем. Ҳар қадар хидмати давлати Шумо бошад, давлати ҷумҳурии моён ба тақдим мерасонем. Лекин ризомандем, ки асокири худро аз бандароти оҳани мо бардоред, то ки моён истеҳсолоти бандароти худро хоҳем намуд. Асокирони моён мардумони ваҳшӣ ва нодон ҳастанд. Мабодо асокири шуморо дида муқобилият намуда, боиси шармсории моён дар назди зоти шоҳонаи Шумо нагардад. Ҳар чизе ки хоҳиш ва ризомандии Шумо бошад, барчо хоҳем намуд».

Бо ин гуфтушуниди муоҳида имзо намуда ба ҷои худ муроҷиат намуд. Якчанд нафар аз фуқаронёни роҳгузарро дастгир намуда, нигаҳдошта буданд, ки ба онҳо рухсат дода фиристодана.

Ин бандаи оҷиз аз бандароти мазкур асокири худро миқдори се мил роҳ аз атрофи рел (релье) таъқиб намуда истеҳком карда. Дар бандароти мазкур ба қадри 40 нафарӣ қаро-

вул гузаштам, ки шояд бо ин мавосохо факиру фукароён аз зери зулми душманон мухтасс хоҳанд ёфт[7]. Душманон то эхтимом бо ин найранг маро ғофил сохта, бидуни эълони ҳарб, бехабар, ба мисли катто̄ъ (роҳзан) ба тарики шаби якшанбе, 15 зулҳиччаи 1339 (ҳичрӣ)[8], соати 12 шаб дар болои мустахфизони виралорон (посбонон) омада ҳуҷум намуда, ҳамагӣ каравӯлон, ки дар атрофи хатти роҳи оҳан ба ҳар чо маъмур буданд, такрибан 15 нафарро бандӣ карда. Дар ҳамон вакт дар болои асокирони Бухоро муроҷиат намуда, касди ҳуҷум карда, мухориба оғоз намуданд. То вакти соати 2 баъд аз нисфи шаб, хеле асокиру олоти ҳарбӣ ҷамъ намуда тӯпзанӣ ва туфангпарронӣ ба аробаҳои оҳанпӯш ва мутарҳои оҳанпӯш, оғози мухориба намуданд.

11 адад тайёра дар болои шаҳри Бухоро, дар ҳаво, дар парвоз оварда бомбаборон намуданд.[9]

Ин бандаи оҷиз маҷбуран асокири худро пеш бароварда, ризо ба такдири илоҳи дода, муддати чаҳор шабу рӯз мухориба намудам. Дар ин аснои мухориба душман карибан нисфи шаҳри Бухороро бо тӯп ва пулимёт бомбаборон оташ дода талафоти зиёд намуда. Мусулмонон, бечорагон гирёну парешон аз дасти душманон молу анҷом, зану фарзандони худро партофта, хайрон ба ҳар тараф парокандa шуда мерафтанд. Бо вуҷуди он ин бандаи оҷиз 4 шабу рӯз ҳамроҳи душман мухориба ва мукотила намудам. Азбаски талафот ва харобӣ ба касрати ӯки тӯпу бомбаборон дар шаҳри Бухоро зиёда шуда, фукароён, бечорагон дар ташвиш афтоданд, ба хотири худ андеша намудам, ки оё ин бандаи оҷиз аз ин балади Бухорои Шариф ҳиҷратро ихтиёр кунам, боиси таскини харобӣ гардида факиру фукароён, бечорагон аз ин ҳайронӣ ва изтироб рӯ ба осоиш менихода бошанд. Яуми чаҳоршанбе, 4 баъди зуҳр, саворан пойтун, мувофики суннати ҳазрати Расул салли оллоҳу алайҳӣ вассалом, ҳиҷратро ихтиёр намуда аз боғи Шоҳӣ — Ситораи Моҳи Хоса баромада, ба тарафи тумони Комот ва Харконруд, яъне Ғиждувон равона гардида.

Дар он вакт ҳамрикобам Абдулшукурхон, сафири афғонӣ ва баркади (полковники) низомӣ — Муҳаммадасламхон мир шикор, сафири Тошканд ва қозиаскари афғон ва бистучаҳор нафар амала ва аскарияи бухорои ва асокири афғонӣ ҳамроҳ буданд, омада ба тумони Ғиждувон расида, он шаб икомат варзида.

Ба шунидани ҳиҷратам факиру фукароён, маъ зану фарзандон, гирёну нолон аз таъкиб афтода. Бегоҳи рӯзи панҷшанбаи мазкур, дар Ғиждувон ба аршхонаам расида. Тахминан даҳ ҳазор нафар зиёда, ҳамагӣ ба ғулғула ва гиряндагӣ рӯзи фирокро ба назари худ мушоҳида намуда, худро бар замин мезаданд. Баъзи ашхос дар ин ғаму андӯҳ ба такди-

ри илохӣ ҷон ба ҳақ таслим намуда ба раҳмати худованд мушарраф шуданд.

Ин бандаи оҷиз, дар ин бечорагони аламрасида насиҳат ва дилбардорӣ намуда, тасаллӣ дода бар бечорагон дуо намуда, дар ҳаққи худ дуо гирифта фақиру фуқароиёни бечорагон маъюс ва интизор монда, иродаи Шарқии Бухоро намудам.

PDF Compressor Free Version

Ба муддати 8 рӯз дар вилояти Қӯрғонтеппа, тобеъи Бухоро расида, як даҳ рӯз дар он ҷо истодам. Ҳангоми убур аз Ғиждувон ногаҳон аробавагони оҳанпӯш пайдо шуда роҳро ба рӯи бенавоён баст. Дар он мавқеъ чанд нафар аз бузургон ва атрофи ман аз қабили Усмон кушбегӣ, қозӣ ул-куззот Бурҳониддин, раис Абдурауф корвонбошӣ, Юсуфбий, Муқимбий дастгир шуданд. Аз вилояти мазкур дар тараддуди истеҳкоми роҳи душман гардида асокиру фуқароиёнро ҷамъ оварда аз бандари мавзеъи Дарбанд, тобеъи вилояти Бойсун, пеши душманро истеҳком намуда шурӯъи муҳорибаро эҷод намуда, вопас дар вилояти Ҳисори Шарқии Бухоро омада истодам.

Аз вилояти Ҳисор муддати шаш моҳ ҳамроҳи балщувик муҳориба ва муқотила намудам. Дар болои муҳориба вазири ҳарб, тағоиям Муҳаммадсаидбек парвоначӣ ва маъмурони муҳориба Абдулҳафиз парвоначӣ, Иброҳимбекбий, сараскари низомӣ буданд. Дар ин муддат шаш моҳ хеле муҳориба ва муқотила шуда, охируламр ҷамоаи балшувик ба сарриштаи муҳорибаи мазкур маҷбур монда, аз Маскав хеле асокир ва олоти ҳарб ҷамъ оварда, якбора дар болои лашкарияи ислом ҳуҷум намуданд. Аз баски асбобу олоти ҳарбӣ дар аскарони ислом кам буда, муддати 10 рӯз муҳориба ва муқотила намуда, сонияи, бандаи оҷиз, дар тараддуди ионат ва имдод аз давлатҳои хориҷа намуда, аз вилояти Ҳисор ба вилояти мазкур Мулло Муҳаммадиброҳимбек девонабегӣ ва Давлатмандбек девонбегӣ сарлашкар, аз ҷамоаи узбакияи Шарқии Бухоро буд, хеле ба давлати Бухоро хидматҳои лоиқ ва ҷонсипориҳои содиқ намуда, ризомандии ин бандаи оҷизро бозёфт карда буд. Лашкарбошии мавсуфҳоро ба ҳузурам восил гардонида, супориш намудам, ки ин бандаи оҷиз ба доруссалтанаи Қобул рафта тараддуди имдоду кӯмак саъй намоям. Агар аз ҷое барои ман кӯмаку ионат расад, то сарриштаи онро дида омаданам, Шумо хамроҳи асокирони худ пеши душманро нигоҳ дошта ба саришта истед.

Ҳоло ҳуҷуми душман зиёда шуда истодааст. Агар бандарот саришта наёбад ташвиши фақиру фуқароиён хоҳад шуд. То расида омадани ман фақиру бечорагон ба осудаҳолӣ бошанд. Ин амрҳоро тайин намуда, ба ҷойҳои муайян фиристодам. Муҳаммад Иброҳимбек ва Давлатмандбек, мавсуф ба рухсати ман мурочиат намуда бандароти роҳи душманро истеҳком намуда, худи ин бандаи оҷизро болои вилояти Кӯлоб,

аз гузаргоҳ Даркад аз дарёи Смуя явми чаҳоршанбе 22 чумодиулсонии 1339[10] убур намуда, дохили хоки Афғонистон гардидам. Баркади низомии маъмурӣ сарҳади Афғонистон аскари худро низом карда ба истиқбол пеш баромада саломе карда, дар мавзеи Абдулназарбегӣ истироҳат намуда, явми панҷшанбе 24 моҳи мазкур[11] ба Рустоқ расидам. Муҳаммадаъламхон, баркади мазкур тахминан сесад нафар аз асокири худро ба истиқбол пеш бароварда, ёздаҳ тӯп саломӣ намуда ба иззатдорӣ дохили Рустоқ шудам. Муддати ду шаб дар он ҷо гузаронида, хабари гузаштанамро бо ҳокими Қатағаи фиристода будам. Шанбеи 25 моҳи мазкур аз Рустоқ азми Қатағаи гардидам, писари ноиб ул-ҳукума ҳамроҳи якчанд нафар муътабарини он вилоят ба истиқбол пеш баромада, дар асноӣ роҳ ҳамроҳи ин бандаи оҷиз мулоқот намуда, ҳамроҳ ба тарафи дорулҳукума равона гардидем.

Муҳаммадакбархон, ноиб ул-ҳукумаи мазкур ва Байнбайнхон ё Бинбинхон) ноибсолори аскарӣ бо тупу музика тахмин як фарсах пеш баромада истиқбол намуда 12 туп саломӣ карда, ҳамроҳи ман мулоқот карда явми чаҳоршанбе 29 ҷумодиас сонӣ дохили дорул ҳукумаи Қатағаи гардида, дар боғи шоҳии Хаётулобод маҳали сукунати маро қарор доданд.

Муддати 35 рӯз дар он ҷо сукунат варзидам. Дар ин асно аз тарафи олиҳазрат амир Амонуллоҳхон, амири афғон, Муҳаммад асламхон миршикор, ки ба хидмати ин бандаи оҷиз чанд муддат буд ва баладият дошт, барои меҳмондорӣ мукаррар намуда фиристода, бинобар тасаллии хотир аз тарафи худ хат карда, маро ба дорулсалтанаи Қобул, дар назди худ таклиф намуданд, ки бо ҳам мулоқот карда барои сариштаи корҳо кӯшиш намоем.

Дар вақте, ки ин бандаи оҷиз, аз дарёи Омуя ба тарафи Афғонистон убур намудам, тахминан сесад нафар аз навкарияи мӯътабарини Бухоро ҳамроҳи ман гузашта буданд, низ барои тарафдорнам аз ҳар гузаргоҳи дарёи мазкур мардумон тахминан як лак[12] нафар гузашта дар наздам ҷамъ омада буданд. Аз ин ҷамоа, тахминан, панҷсад нафар аз ҷумлаи ашрофи аҳолии Бухоро ҳамроҳи худ гирифта, дигари ба ҳар ҷои тобеъи Афғонистон таъйин намуда, худ ҳамроҳи панҷсад нафари мазкур иродаи дорулсалтанаи Қобул намудам.

Муддати чанд явм ба роҳ гузаронида, явми чаҳоршанбе, ҳаштуми рамазони 1339 ба дорулсалтанаи Қобул расидам, ки барои сукунати бандаи оҷиз боғи шоҳӣ — Қалъаи Муродбекро тайёр намуда буданд, ки омада ба он ҷо қарор гирифтам.

Аз тарафи олиҳазрат амири Афғонистон як даҳ нафар аз вузаро ва умаро ба боғи мазкур омада истиқбол намуда, сониян олиҳазрат амири Афғонистон ин бандаи оҷизро ҳамроҳи чанд нафар аз мӯътабарин хоста мулоқот намуда ба ҷамо-



PDF Compressor Free Version

ли ҳамдигар мушарраф гардидем. Ва низ давлати Афғонистон муддати як моҳ меҳмондори намуда, баъд аз гузаштани як моҳ маблағи 12 ҳазор рупияи кобулӣ барои масориф ва маҳоричи ҳармоҳа муқаррар намуданд. Ин бандаи очиз барои тараддуди сариштаи кор худ саъй ва кӯшиш намудам. Бинобар иродаи [illegible] тақдиру насиба, тараддудҳоям коргар нашуда расидани имдод ва ионат аз назараш дур буд.

PDF Compressor Free Version

Лиҳозо, ризо ба тақдири илоҳӣ дода ба дорулсалтанаи Кобул иқомат варзидам. Чун ман иқоматро ихтиёр кардам, зоти шоҳонаи олиҳазрат амири афғон аз самти чануби Кобул Фату ном боғи шоҳиро барои ман бахшиш намуда, 12 ҳазор рупа, ки барои ҳармоҳа маҳочирам муқаррар намуда буданд, чаҳор ҳазору панчсад рупа таъин фармуданд.

Чун вақте, ки аз хоки Бухоро дар Афғонистон гузаштам, чамоаи балшувикӣ пеш омада, ҳамроҳи Муҳаммадиброҳимбек девонбеги мавсуфи муҳориба оғоз намуда, муддати чанд рӯз бо ин минвол гузаронида, бинобар қиллати асбоб ва зиёдатии ҳучуми душман асокирони лашкарбошии мазкур худҳоро ба ҳар тараф, дар болои кӯҳ пинҳон намуда буданд. Душман дар тараддуд афтода фуқаросёнро аз харчо дастгир намуда оварда, зиёда зулму таъдӣ аз ҳад афзун эчод кардаанд[12].

Муллоиброҳимбек девонабеги лашкарбошӣ мавсуф асокирони худро чамъ намуда, сариштаи онҳоро дида пеш-пеш дар ҳар қария, ки душман ба он чо маскун буд, рафта ҳучум намуда асбобу олоти ҳарбӣ хеле чамъ оварда, фуқаросёи ва мазлумонро хайр дода, ба андак фурсат қарибан як даҳ ҳазор нафар чамъ оварда, дар болои мамолики Кӯлоб ва Балчувон ҳучум намуда, ин ду вилоятро аз дасти душман мухаллас дода, масруф гардида ба дорулсалтанаи Кобул ба ин бандаи очиз кайфияти аҳволи худро навишта, бо ҳамроҳии якчанд нафар аз сардорони аскарияи худ фиристода. Мазкурон дар назди ман расида, кайфияти аҳволот ва хидматҳои Муллоиброҳимбеки мавсуфро расониданд.

Дар ин асно Иброҳимбек девонабегӣ худ дар болои вилояти Қаротегин ва Дарвоз рафта, ҳучум оварда, ин ду вилоятро ҳам мутасарруф шуда, ин кайфияти худро барои ман иттилоъ дода фиристод. Аз ин ибрат ва мардонагии Муллоиброҳимбек мавсуф хеле мамнун гардидам. Аз тарафи худам ба Иброҳимбеки мазкур мансаби рафеъ бахшида, аҳком барои муҳориба, ичозат додам.

Иброҳимбеки мавсуф муддати 7 сол ҳамроҳи балшувик муҳориба ба роҳи миллати ислом ва ба роҳи бандаи очиз намуда, дар асною муҳориба диловариҳо намудагӣ ва корзор кардагии худро ҳамеша барои ман иттилоъ медод.

Чун Муллоиброҳимбек мавсуф баъд аз аҳкоми маро ба даст овардан, лашкарияи худро чамъ оварда, дар болои вилояти

PDF Compressor Free Version

Ҳисор рафта, муқаддима намуда хело муқобила ва муқотила карда, олоти ҳарбӣ ва хазона ғанимат гирифта, арки вилояти Ҳисорро муҳосира намуда, бо ин бандаи очиз аҳволоти худро иттилоъ дода, муҷоҳидони хизмат кардаи худро маълум намуда буд, ки ман низ барои муҷоҳидони роҳи ислом мансаби рафеъ ва тариқки дараҷоти эшонро фармон ба муҳру имзои худ равона намудам. Ҳар бор аз барои аҳволпурсӣ аз тарафи худ аз дорулсалтанаи Қобул як нафар, ду нафар одам фиристода аҳвол мегирифтам, ки аз тарафи ман рафта аҳволпурсӣ намуда меомаданд. Иброҳимбек мавсуф ҳеҷ кори худро бе иҷозати ман иҷро намекард.

Дар ин асноӣ вилояти Ҳисорро муҳосира намудан, аз тарафи Бухорои Шариф Анварпошои турк ҳамроҳи 27 нафар туркия ба тарафи Шарқии Бухоро омаданӣ шуда, дар вилояти Қӯрғонтеппа, дар назди асокирон, муҷоҳидон расида. Асокирони мазкур ин кайфияти омадани Анварпошоро ба Муллоиброҳимбек мавсуф иттилоъ додаанд. Лашкарбошии мавсуфи ин маъниро ба ин банда роҷеъ дошт. Мавқуф ба ризоии ман гузошта. Қайфиятро ва ташриффармоии домоди халифатул муслимин Султони хомис панҷум навишта фиристод. Ман аз ин хабар воқиф гашта ба Иброҳимбек фармон навиштам, ки Анварпошо дар хусуси муҳориба шахсаи соҳибтадбир ва корғузор буда, лозим, ки Шумо ба иззатдорӣ дар назди худ оварда пурсед, агар хизмати миллати исломро хоҳиш дошта бошад, аз тарафи зоти олии мо ваколати хизмат ва илло, ба хубӣ аз дарё гузаронида, бо ин сурат равона намоед.

Аз рӯи фармони ин банда Мулломуҳаммадиброҳимбек асокирон, муҷоҳидонро ҷамъ оварда истиқбол карда ба иззатдорӣ Анварпошоро дар назди худ оварда хусуси мақсади шахсии ӯро истифсор[16] (пурсидан) намуда. Анварпошо хоҳиши хидмати миллати ислом намуда, ҳамроҳи Иброҳимбеки мазкур ба хидмат муқайяд гардида, низ Муллоиброҳимбек мавсуф дар вилояти Ҳисор ҳуҷум оварда, комёб гардида, хеле аз вилояти мазкур хазона ва олоти ҳарбӣ ғанимат гирифта, вилояти мазкурро ба худ марказ намуда, дар болои вилояти Деҳнав, Бойсун, Ҳузор, Шеробод, Қаршӣ ҳаракат карда, кайфияти аҳволи худро ба ин бандаи очиз иттилоъ дода[17]. Ман аз тарафи худ барои Иброҳимбек мавсуф як китъа ризонома, як Қуръони шариф, як даст хилъати низомии зардор марҳамат фармуда фиристодам ва сарфароз гардонидам.

Чун атрофу ҷониби шаҳри Бухоро ва тумонҳои Бухоро муҳорибаи Иброҳимбекро воқиф гашта, аҳолии фуқаронии атрофи шаҳри Бухоро ва тумони Ғиҷдувон, Пирмаст, Вобканд, Хоҷаориф, Худфар, Ғонза, Қарокӯл, қарибаи 15 ҳазор нафар ҷамъ гардида як арзи тобеъдорӣ ва фидокорӣ ба ин бандаи очиз намуда ба Муллоиброҳимбек хат карда фиристода буданд. Муллоиброҳимбек арзи ҳоли онҳоро дар назди ман фи-

ристода, барои сардории онҳо аз тарафи ман илтимос карда, лиҳозо, ғаронзи фуқаронёнамро манзурам гардонида, Муллоабдулқаҳор ном яке аз мӯътабарин ҳамрикобамро барои сардорӣ дар болои фуқаронён, фидокорони Бухоро, муқаррар намуда аз худи ҷамоаи мазкур якчанд нафар аз ҳар ҷамоа барои сар-кардагӣ [illegible] карда, аз тарафи худ фармон навишта фиристодам, ки Муллоабдулқаҳҳор мавсуф ба рухсати ман мурочиат намуда, дар Шарқии Бухоро, дар назди Муллоиброҳимбек мавсуф расида мулоқот карда, аз он ҷо ба тарафи Бухоро гузашта, дар назди ҷамоаи фуқаронён, фидокорони Бухоро расида, аз тарафи ман аҳволпурсии ҷамоаи мазкурро намуда. Баъд аз он ба сариштаи интизоми онҳо кӯшида, ҳамроҳи балшувик ағозӣ муҳориба шурӯъ намуда ба ҷонннсорӣ барои миллат муқайд гардида, ки иншоаллоҳ, муҳориба ва корзорҳои фидокорони роҳи дини Бухорои Шарифро таҳрир хоҳам кард.

Чун дар шарқии Бухоро Анварпошо дар назди Иброҳимбек муддати як сол ба сидқу эътиқод хидмати диниро намуда, дар ин асноҳо чанд вилояти шарқии Бухороро мутасарриф гардида, Бухороро аз дасти душман махлас дод.

Сонияи Муллоиброҳимбек бо аҳолии фуқаровёни Шарқии Бухоро мутафаккид (ғамхор) гардида, аз барои талаби ин банда оҷиз ба олиҳазрат амири Афғонистон арзи ҳол намуда, ҳашт нафар аз тарафи худҳо вакил карда ба дорулсалтанаи Кобул фиристоданд. Вакилони мазкурон дохили Кобул гардида ҳамроҳи амири афғон гуфтушунид намуда, арзи ҳоли худро манзур гардонида буданд. Анварпошо дар ин хусус хоҳиш намуда буд, ки ҳоло сариштаи истеҳкоми роҳи душман дар Шарқии Бухоро, мувофиқи қоида набуда. Зеро, ки дар муқобили моён будагӣ душманҳо аз қонуни дувалҳои узамон (давлатҳои азим) рӯи замини инкор мебошад. Моён ҳамеша муқайяд ба муҳориба мебошем. Иншоаллоҳ, ҳар вақте ки вилояти Бойсунро фатҳ карда, ба тасаруфи худ оварлем, аз ҳудуди мавзӯъи Дарбанд истеҳком намуда, баъд аз он подшоҳи худро меорем. Бо ин ислоҳ василони Шарқии Бухоро вопас ба ҷои худ мурочиат намуда шуданд, ки олиҳазрат амири Афғонистон ба ҳар каломи онҳо хеле шафқат ва меҳрубонӣ намуда, хурсанд гардонида, рухсат доданд, ки вукалои мазкур ба ҷои худҳо вопас мурочаа намуданд.

Баъд аз ин кайфият дар даҳуми зулҳиҷҷаи соли 1345 хиҷрӣ[18] шаҳодати Анварпошо ба зуҳур расида, дар Балҷувон муҳориба афтода. Ба рӯзи иди қурбон[19] Анварпошо ба дараҷаи шаҳодат расида. Ҷасади ӯро дар мавзӯъи Чакан, ба ҳазрати Султон ном зиёрат дафн намуда аз чанд муддат, дар аввали санаи 1345 хиҷрӣ[20] Муллоиброҳимбек асокирон, муҷоҳидони Шарқии Бухороро ба интизом расонида, ҷамъ оварда дар болои вилояти Бойсун рафтанро ба худ мусаммам гардонида буд.

PDF Compressor Free Version

PDF Compressor Free Version



1. Арки салтанатии давлати Бухоро...

PDF Compressor Free Version



2. Байраки давлатии Бухорои Шариф



3. Герби салтанатии Бухоро. Сиккаи тиллоӣ. Зарби танга. Мӯҳри давлатии амири Бухоро.



PDF Compressor Free Version

4. Ҷенерал Хоҷӣ Юсуф Муқимбой, вакили амири Бухоро.



PDF Compressor Free Version

5. Кушбегии Бухоро Мулло Мухаммадбий (тасвири соли 1886).


PDF Compressor Free Version

6. Қозии Тошканд, акси соли 1903.

PDF Compressor Free Version



7. А. Н. Куропаткин, пахшкунандаи шӯриши Пулодхон дар Фарғона, баъдтар вазири харбии Россия.

PDF Compressor Free Version



8. К. П. Фон-Кауфман, аввалин генерал-губернатори Туркистон



9. Оромгоҳи Амир Олимхон (акси соли 1985) дар қабристони «Шуҳадои солиҳин»-и Қобул

PDF Compressor Free Version

Дар ин асно балшувикон дар болои даркади лаби дарёи Ому аскари худро ҷамъ оварда, ҳамроҳи давлати Афғонистон гуфтушуниди худудро намуда, корҳои мазкурон андак сахт гардида. Ин хабарро Иброҳимбек шунида аз рафтани болои Бойсун худро боз дошта, якчанд нафар саркардаи худро ҳамроҳи нисфи асокираш ба тарафи Бойсун равона намуда, худи Иброҳимбек 15 ҳазор аскар ҳамроҳ гирифта наздикии ҳудуди Афғонистон барои кӯмак намудани давлати Афғон дар паси кӯҳ омада истода, муддати 40 рӯз интизор кашида шуд ва ҳам Давлатмандбеки марҳум ба он рӯз ба шаҳодат расид.

PDF Compressor Free Version

Аз инчунин муҳоработ мардуми Шарқии Бухоро аз душман воқиф гашта, ҷамоаи балшувик чанд муддат ба тараддуди ҷамъ овардани аскар шуда сонияи дар санаи 1925 мелодӣ якбора дар болои Иброҳим, лашкарбошии Шарқии Бухоро, хуҷум намуда, 25 рӯз пай дар пай муҳориба ва муқотала дар байн афтода, рӯз дар ҷанг, шаб дар шабехун гузаронида. Дар ин асnoи муҳориба Муллоиброҳимбек мавсуф музаффарият ёфта, якчанд тӯп ва пулимёт, 1800 туфанги панҷтира, се лак ӯқи мили теғи панҷтира, ду адад мутари оҳанпӯши ҷангӣ (шояд танк бошад— А. М.), ду адад аэроплон аз ҳаво зада гирифта, аз даруни аэроплон чанд туфангчаи мавзур ғанимат намуда, кайфияти мазкурро ба ин бандаи оҷиз иттилоъ дода.

Балшувикон ба матлуби худ норасида вопас шуда. Иброҳимбеки мазкур низ дар сариштаи мамолик ва интизоми асокири худ кӯшида. Баъд аз он муомилоти Афғонистон ва балшувик файсала шуда, муоҳида намуда. Ба шунавидани ин хабар Иброҳимбек вопас ба ҷои худ рафтанро иртикоб карда. Балшувикон аз ин аҳволот хабар ёфта, ҳамроҳи 25 ҳазор нафар аскари балшувикӣ, аз чанд тараф дар болои Муллоиброҳимбек хуҷум оварда, муҳориба оғоз ниҳода, муддати 5 шабу рӯз муҳориба ва муқотала намуда. Аз тарафайн зиёда мардум ба қатл расида.

Бинобар хуҷуми душман зиёда шудан, аскарияи муҷоҳидон ба ҳар тараф пароканда шуда, худи Иброҳимбек ҳамроҳи сесад нафар дар байни балшувекон монда, хеле заду хурд намуда, охируламр Иброҳимбеки мавсуф, маҷбуран худро ба дарёи Омуя савории асп андохта аз дарё ба тарафи Афғонистон убур намуда. Ба ин бандаи оҷиз кайфияти аҳволоти муҳориба ва убур намудан аз дарё маълум намуда фиристод. Давлати Афғонистон ба шунидани ин хабари Иброҳимбек мавсуфро ба доруссалтанаи Қобул хоста, се рӯз меҳмондорӣ намуда, барои ӯ ҷои истиқомат муайян кард.

Иброҳимбек ҷои истиқоматро хоҳиш нанамуда аз давлати Афғонистон илтимос кард, ки ман яке аз хидматгорони фидоии подшоҳи Бухоро мебошам. Хоҳиш дорам дар назди валинеъмати худ биравам ва боқии умри худро дар остони эшон гузаронам. Лиҳозо, Иброҳимбекро назди ман равона намуданд,

ки ҳамроҳи ман мулоқот карда, истиқомат варзида. Барои маҳорич ба вай маош аз тарафи давлати Афғонистон ҳар моҳ панчсаду панҷоҳ рупаи кобулӣ муқаррар гардид.

### МУҲОРИБАИ МУЛЛОАБДУЛҚАҲҲОР ДАР АТРОФИ БУХОРО ДАР БАЙНИ 4 СОЛ НАМУДАГӢ

PDF Compressor Free Version

Чун Муллоабдулқаҳҳор аз доруссалтанаи Қобул ба рухсати ин банда дар болои муҷоҳидон, фидокорони атрофи Бухоро ва тумонҳои Бухоро рафта расида, ба саришта ва интизоми аскария кӯшида, дар болои тумони Ғиҷдувон муҳориба намуда, тумони Ғиҷдувонро аз дасти душман махлас дода, ба тасаруфи худ оварда, хеле аз он ҷо ҳам ба роҳи дин... (?)* банда, мардуми фидоӣ ҳамроҳ гардида. Инчунин атрофи Бухороро тахминан шаш ҳазор нафар, аз тумони Вобканд ду ҳазор нафар, аз тумони Вағонза ду ҳазор нафар, аз тумони Шофирком ду ҳазор нафар, аз тумони Пирмаст ду ҳазор нафар, аз тумони Хутфар ва Лақлақа ду ҳазору пансад нафар, аз Баҳоваддин ду ҳазор нафар. Аз ҳар ҷо ба ин минвол ҷамъ гардида қарибан 25 ҳазор нафар зиёда аз ҳар ҷамоа ҷамъ шуда, аз ҳар фариқ (гурӯҳ) як нафар-ду нафар калоншаванда худҳоро ба худҳо саркарда намуда, ҳамроҳи душман аз тумони Ғиҷдувон шурӯъи муҳориба намуда. Хеле задухӯрд дар байн афтода, дар муддати як моҳ аз дасти балшувикон 2 ҳазор туфанги панҷтира, як лак ӯқи панҷтира, як даҳ адад пулимёт, се адад мутари оҳанпуши ҳарбӣ ғанимат ҳосил намуда, тумонҳоро ба даст оварда, дар болои вилояти Нурато рафта. Аз он ҷо ба чанд нафар калоншаванда пеш баромада аҳволоти кайфияти аскарияи муҷоҳидонро дониста, худи фуқароиён аскарияро ҳамроҳ ба вилояти Нурато даровaрда, балшувикон шаҳрро бандӣ карда, фуқароиён хеле хурсандиҳо намуда хутба ба номи ин бандаи оҷиз хонда. Муллоабдулқаҳҳор аз балшувикон хеле аспоби ҳарбӣ ғанимат ҳосил намуда, вилояти Нураторо ба худ марказ намуда, сариштаи худро дида, аз он ҷо дар болои Бухоро юриш карда, дар сари Пули Меҳтар Қосим расида, Дар ин асно Абдулҳамид афандӣ ном вазири ҳарбияи ҷадидони Бухоро ҳамроҳи 60 нафар аз мардуми Бухорӣ ва Туркия ва аз мардуми Ҳинд бо хеле аспоб пеш баромада Муллоабдулқаҳҳорро мулоқот карда, шаш ҳазор пули инглисӣ, ду адад пулимёт бахшида, аз Муллоабдулқаҳҳор рухсат ҳосил намуда ба тарафи Шарқии Бухоро рафта, дар назди Анварпошо ва Иброҳимбек девонбегӣ омада узрхоҳӣ намуда ба хидмат муқайяд гардида.

Ин кайфиятро Анварпошо ба ин банда иттилоъ намуд. Ҷамоаи балшувик дар сари пули Меҳтар Қосим расидани Муллоабдулқаҳҳорро шунида, бо ҷамъи асокир пеш баромада, оғози

---

* хонда нашуд.

харб карда ду шабу рӯз муҳориба намуда. Муллоабдулқаҳҳор зафар ёфта балшувикон вопас шуда. Муллоабдулқаҳҳор атрофи шаҳри Бухороро муҳосира намуда шаш дарвозаи Бухороро гирифта. Балшувикон мачбур монда Бухороро холӣ карда, ба истгоҳи роҳи оҳани Когон рафта. Муллоабдулқаҳҳор ба даруни шаҳр даромада ба қадри 4 соат истода аз даруни шаҳр ба тарафи хуфтарам (?) Баҳоваддин рафта, 10 соат муҳориба намуда, он чоро ҳам аз дасти балшувик мухаллас дода.

PDF Compressor Free Version

Аз Бухоро ва Баҳоваддин хеле Муллоабдулқаҳҳор ғанимат ҳосил карда, кайфияти худро барои ман иттилоъ дода фиристод, ки аз ин кайфият матлаъ гардида, аз хидмати Муллоабдулқаҳҳори мазкур зиёда мамнун гардида. Барои мавсуф як хилъати низомии зардор ва як туфангчаи маузер бахшиш фиристодам.

Дар ин рӯзҳо балшувикон дар изтироб шуда, ба тараддуди чамъ овардани аскар кӯшида. Аз тарафи Маскав ва Тошканд хеле аскар чамъ намуда, аз ҳар тараф якборагӣ ба Муллоабдулқаҳҳори мазкур ҳуҷум оварда, шаҳри Бухоро ва Баҳоваддинро аз дасти муҷоҳидон гирифта, қариби як ҳазор нафар аз муҷоҳидон ба дасти балшувикон банд афтода. Дар тараддуди ба даст овардани Муллоабдулқаҳҳор балшувикон хеле кӯшиш намуда, шабу рӯз даст аз муҳориба набардошта. Рӯз ба рӯз ҳуҷуми душман зиёда, балшувикон дар байни аскарияи муҷоҳидон давлатҳои зиёда сарф намуда, инқилоб андохта, дар байни 25 рӯз ду нафар бародари Муллоабдулқаҳҳорро ба шаҳодат расонида, фақиру фуқаронияро хеле дар изтироб андохта, харобии зиёде барпо намуданд.

Лиҳозо, Муллоабдулқаҳҳор аз барои осудаҳолии фуқаронаён худро дар чӯл, дар байни Қазоқистон кашида пинҳон намуда, ки боиси таҳаққуқи ин ташвишу изтироби фуқаронаён хоҳад гардид.

Балшувикон дар болои туманҳо аскарияи зиёда гузошта будананд ки мабодо асокирони тарафа аз ҳукумат бархоста ҳаракат нанамоянд.

Ин банда аз замони шаҳзодагиам, замони салтанат, ки дар Бухорои Шариф маъ таълиқоти вилоят кардам ва муҳориба, ки ҳамроҳи балшувик бинобар инқилоби замон намудам ва баъд аз он ҳиҷратро ихтиёр карда, ба доруссалтанаи Кобул гузаштам. Нуфуси Бухоро ва таълиқоти вилояти он барои тарафдориам ҳамроҳи балшувик 7 сол муҳориба намуданд. Ба тарики ёдгор барои нозирони таърихам дар қайди таҳрир овардам, то ки аз саргузаштам матлаъ гарданд.

Ҳар кӣ хонад дуо тамаъ дорам.
З-он ки ман бандаи гунаҳгорам.

Таммат.

## ФАСЛИ ДУВВУМ

Елдошти олиҳазрат Саййид Амир Олимхон амири Бухоро, ки дар таърихи сентябри (соли) 1927 тавассути намояндаи вакили мутлаки худ ҷенерал Ҳоҷиюсуфбий (б) Муқимбий ба Анҷумани [illegible] тақдим гаштааст.

PDF Compressor Free Version

### ҶУҒРОФИЁИ ТАБИӢ

Мамлакати Бухоро дар соҳили шарқии Омударё, яъне аз Помири Русия то дашти васеъи Хева имтидод дорад. Пеш аз муҳорибаи Русия бо Бухоро (соли) 1868 ва тассаруфи ҳукумати балшувик (соли) 1920, мамлакати Бухоро аз тарафи шимол маҳдуд ба саҳрои Қизилқум ва рудхонаи Сирдарё, аз тарафи мағриб ба хоноти Хӯқанд, аз ҷануб ба Афғонистон ва аз машриқ ба билоди Туркман ва дашти Хева мебошад.

Нуфуси Бухоро се миллиону ним нафар мебошад. Масоҳати он 225 ҳазор километри мураббаъ аст. Яъне, қариб баробар ба масоҳати Итолиё аст. Қисмати азими нуфуси он тоҷик, узбак, туркман, қирғиз, қазоқ, яҳудӣ ва араб ҳастанд.

Қисмати ғарбии Бухоро, ба ғайр аз соҳили Амударё қобили кишт ва зироат нест. Баракс, навоҳии наздик ба рудхона хеле ҳосилхез аст. Аҳолии дараҳои Қашқадарё, Сурхандарё, Зарафшон, Кофарнаҳанг (Кофарниҳон) ва Ғеш ба зироат мепардозанд.

Осори маданиии қадимӣ дар шаҳрҳои Қаршӣ, Китоб, Шаҳрисабз, Ғузор, Бухоро, Зиёвaддин, Кармина, Чаҳорҷӯй, Каркӣ, Бойсун, Қаратоғ, Кӯлоб, Балҷувон, Шеробод, Ҳисор, Душанбе, Файзобод ва ғайра ҳанӯз намудор намебошанд.

Қисмати Шарқии Бухороро кӯҳҳои азиме, ки аз баландтарин кӯҳҳои дунё аст, пӯшонида, кӯҳи Ҳисор дорои чандин қалъа аст, ки баландии он (ба) 5500 метр мерасад. Силсилаи ҷиболи назаргир аз 5500 то 6100 метр мерасад. Кӯҳҳои Дарвоз, то дашти Помир имтидод дорад.

Дар Бухоро, яъне яке аз қадимтарини мамолики Осиёи Марказӣ, буна ба буна шоҳзодагон салтанат кардаанд. Пойтахти Бухоро чандин қарн пеш аз таърихи мелодӣ бино шуда, нуфуси он то пеш аз тасарруфи туркҳо аз нажоди орёӣ будаанд.

Дар қарни ҳафтуму ҳаштуми ҳиҷрӣ, яъне ҳангоми тасаллути (зери даст кардан) аъробӣ шоҳзодагони бухорой хонот дар Бухоро салтанат мекарданд, ки шаҳр маркази салотини номдор, силсилаи Сомониён гардид ва аз вақте ки Исмоил, муассиси силсилаи Сомониён (892-907) онро бар Самарқанд тарҷеҳ дод аҳамияти он рӯз ба рӯз зиёдтар гардид. Қарни даҳум, яъне давраи салтанати Сомониён, асри шукӯҳ ва ази-

мати Бухоро буд. Санъату тиҷорат ва фунуни мухталифа рӯ ба тавсиаъ гузошт.

Пас аз марги охирини подшоҳи Сомонӣ (1005) Бухоро ба дубора ба дасти силсилаҳои турки Салчуқӣ афтод. Сипас Чингиз ва Темурланг, баъд силсилаи Шайбония ва Аштархонӣ ва тоифаи ӯзбакӣ манғит дар Бухоро ҳукумат карданд. Тоифаи манғит аз соли 1783 то 1920 дар Бухоро салтанат кардаанд[21].

PDF Compressor Free Version

Охируламр бо воситаи ҷабру фишори ҳукумати балшувикӣ амир Сайид Олимхон маҷбур шуд, ки аз Бухоро ҳиҷрат намояд.

## ТАШКИЛОТИ СИЁСӢ ВА ИДОРИИ БУХОРО

Мамлакати Бухоро агарчи дар таҳти давлати Русия буд, вале истиқлоли қадимии худро ҳифз мекард. Умарои Бухоро ба муҷиби усули шариат ва одат ҳукумат мекарданд.

Уламои исломии Бухоро Амирро халифаи пайғамбар ва ҳомии усули шариати исломӣ медонистанд. Зиндагонии амир комилан мутобиқи шариат буд ва наметавонист аз он тахаллуф (ақиб мондан) намояд. Хоноти Бухоро тамом аз тоифаи узбакӣ манғит буданд.[22] Подшоҳи Бухоро дар мавқеъи ҷилус, бино ба одати муғул дар рӯи тушкачаи (?) мутабаррука нашаста, сайидҳо, хоҷаҳо ва муллоҳо ӯро аз замин бармедоштанд.

Мамлакати Бухоро ба 28 боғот тақсим шуда. Аз он қарор Нурато, Қароқул, Қабоқли (?), Чаҳорҷӯй, Каркӣ, Бурдолик (?), Келиф, Шаҳрисабз, Якабоғ, Китоб, Ғузор, Қаротегин, Бойсун, Ҳисор, Деҳнав, Қурғон, Балҷувон, Кӯлоб, Қабодиён, Дарвоз ва Рӯшон. Бекҳо ва мирҳое, ки вазоифашон дар қадимулайём лаззатӣ буд, дар замони Сайид Олимхон интихобӣ шуд.

Умури сиёсӣ ва идории Бухоро дар таҳти раёсати як нафар мавсум ба қушбегӣ идора мешуд. Молияи мамлакат дар таҳти назар ва муроқиби девонбегӣ буд.

Масоили дини қуззой ва таълимоти умумӣ ба ӯҳдаи қозӣулқуззот буд.

Қорҳои аскарӣ дар таҳти раёсати тӯбчибошӣ буд. Дараҷоти муҳиммаи он аз ин қарор мебошад: қушбегӣ, девонбегӣ, парвоначӣ, инок, додхоҳ, бий туқсабо.

Нишони Искандари солис яке аз нишонҳои муҳимма буд, ки амири Бухоро ба мансабдорон ва афсарони низомӣ ато мекард.

Қавои қуззонияи мамлакат дар дасти худи амир буд, ки ба муҷиби аҳком, Қуръон ва қавоини шариати исломӣ рафтор мекард.

Ба муҷиби карордоди Бухоро бо Русия (соли) 1868 атбоъи Русия аз додани молиёт маъоф буданд. Вале ҳар миқдор мо-

лалтичора, ки дар бозор мефурӯхтанд дуним дар сад аз фурӯшро ба ҳукумати Бухоро медоданд.

Сарвати табии Бухоро: тилло, нуқра, сурб, мис, оҳан, дар Бухоро ба миқдори зиёд ёфт мешавад. Махсусан дар қисмати Шарқӣ маъдане мавчуд аст, ки то кунун истироч нашуда. Дар миёни сарватҳои табиӣ нафт, зуғол (ангишт), гӯгирд, на(в)шодир мебошад.

PDF Compressor Free Version

Тичорати пӯсту пашм ва абрешим ва қолӣ содироти муҳимман мамлакатро ташкил медиҳад.

Мевачоти Бухоро шӯҳрати офоқ аст. Аспҳои Бухоро, махсусан нажоди қарабаир (қарабоир) дар муҳорибаи (соли) 1914 аҳамияти худро собит карданд. Амири Бухоро чандин ҳазор асп ба давлати Русия дод.[23]

Галаҳои гӯсфанд, бузу асп ва шутур бино ба ихтилофи кусул дар кӯҳҳо ва чаманзорҳо ба чаро машғул ҳастанд.

Тичорати умдаи Бухоро бо мамолики Русия, Эрон, Афғонистон аст. Тичорати Бухоро бо Русия, ба танҳои пеш аз инқилоби балшувик ба 250 миллион фронк мерасид. Вале бадбахтона набудани васоили ҳамлу нақл монеаи бузурге барои пешрафти тичорат буд. Маъзолика чанд ришта хатти оҳан дар сар то сари мамлакат имтидод дорад.

Чумлаи балшувикиян Бухоро: пас аз инқилоби фибрарӣ (феврали) 1917 аввалини қадамҳои ғозиёнаи худро балшувикҳо ба василаи таблиғот шурӯъ карданд. Аносири мочарочӯ, хангоматалаби дохилӣ низ онҳоро мусоидат карда, мушкилоти зиёде барои ҳукумат тавлид карданд.

Дар даҳуми таърихи 1918 балшувикҳо ба Бухоро ҳамла карда Зиёвиддинро мутасарруф шуданд. Аҳолии Бухоро ҳамин ки амалиёти ҳақшиканонаи балшувикҳоро мушоҳида карданд, тамоми асокири русро, ки дар сарҳади Афғонистон буд, ба қатл расониданд. Кам-кам оташи инқилоб дар сар то сари мамлакат шӯълавар шуд. Ба қисме ки Колесуф, фармондеҳи асокири балшувикӣ, мачбур шуд, ки дар 25 таърихи 1918 қарордоди сулҳӣ бо амир имзо намояд[24].

Вале бадбахтона балшувикҳо аз... (?) аъмоли худ даст накашида, дар 5 сентябр таърихи 1920 Бухорои шариф ба дасти асокири балшувикӣ афтод.[25]

Амир Сайид Олимхон, ки падаронаш аз соли 1726 дар Бухоро салтанат мекарданд, мачбур шуд, бо иддаи қалимӣ ба Афғонистон муҳочират намояд. Асокири дасти таъдӣ дароз карда сар то сари мамлакатро ғорат карда, қариб 50 ҳазор нафарро бе ҳонумон намуданд. Ба қисме, ки дар соли 1921 тамоми нуфус аз мазолим ва таъдиёти балшувикҳо якбора қиём карда, инқилоби сахте дар мамлакат тавлид гашт. Иброҳимбеки шердил асокири зиёде чамъоварӣ карда, чангҳои хунине бо асокири сурх намуд. Билохира, пас аз 7 сол муҳориба, балшувикҳо тавонистанд як навъе ҳукумати муваққатӣ дар Бухоро ташкил

диҳанд ва имрӯза саъй доранд, ки тамоми ифтихороти миллиро аз одот, ахлоқу одоби дин ва мазҳаби хонавода ва эҳтимоъ нобуд намоянд. Тамоми аҳолӣ, аз аъло то оддӣ, аз самими қалб хавохоҳи Амир Сайид Олимхон буда, орзуи мурочиати ӯро доранд. Ҳукумати сурх тамоми ташкилоти собиқаро барҳам зада, онро [illegible] ҷумҳуриҳои шӯравӣ, аз қабили Узбакистон, Туркманистон, Қарақалпоқистон тақсим намуд.

PDF Compressor Free Version

Шаҳри шарифи Бухоро, яъне Маккаи Осиёи Марказӣ, яке аз вилоёти чумҳурии Узбакистон шуд ва хонадони амирро ба Маскав фиристониданд[27].

Аз он чо ғаразн аслӣ аз таъсиси мачмӯъи байнулақвом ҳифзи ҳуқуқи Милали заифа ва ҳимоят аз ситамдидагон мебошад. Амири Бухоро ричоъи восиқ дорад, ки мачмӯъи фавқулзикр ба ин вазъиёти асафовар атф таваччӯҳ фармуда, мучибот таъмини билод ва осоиши ибодро дар ин қисмат аз Осиё баркарор созанд.

## ФАСЛИ САВВУМ

### ТАЪРИХИ ЗИНДАГОНИИ УМАРОИ БУХОРО

Сайид Амир Абдулаҳадхон писари Сайид Амир Музаффархон дар соли 1859 дар Бухоро мутаваллид шуда, аз авоили чавонӣ майли зиёде ба ислоҳоти мамлакатӣ дошт. Дар соли 1883 барои дар чашни точгузории Искандари саввум ба Маскав рафт.

Иқдомоти мучаддона ва дар тавсеаи тичорат сифати роҳи оҳан, телегроф ва ғайра ӯро машҳури хосу омм гардонид ва ҳамчунин барои таҳаккуми равобити дӯстӣ бо Русия аз ҳукумати пешин ба тарзи бӯраҳ...(?) дархост намуд, то як шуъбаи сиёсии Рус дар Бухоро таъсис шавад ва билохира аз 26 соли салтанати пурифтихор дар моҳи фибрари 1911, дар синни 54 солагӣ чаҳони фониро видоъ намуд.

Амир Сайид Олимхон дар 15 муҳаррам (соли) 1298 ҳичрӣ[28], мутобиқи 1881 мелодӣ дар Кармина мутаваллуд шуда, пас аз итмоми таҳсилоти муқаддамотӣ, дар синни 13 солагӣ барои таълими фунуни низомӣ, ба амри падари бузургвораш ба Маскав рафт.

Ҳангоми мурочаат 12 сол дар вилояти Қаршӣ ҳукумат кард, то ин ки пас аз вафоти падар ба тахти салтанат нашаст.

Амир Сайид Олимхон пас аз 9 соли салтанат ба раъиятпарварӣ ва адолатгустарӣ, пас аз ҳамла ва ҳучуми балшувикҳо ва чангҳои хунин, билохира мачбур шуд, ки дар моҳи апрел (соли) 1921 ба Афғонистон муҳочират намояд.

Еддошти ченерал Ҳочи Юсуф Муқимбой: пеш аз хатми калом, лозим медонам ҳусни истиқболе ки аз тазаллуми олиҳазрат

амири Бухоро дар Жинев шуд, ёдоварӣ намоям. Муҳаббат ва самимияти намояндагони Фронс, Итолиё, Олмон, Инглистон ва Ирон нисбат ба ин банда фавқулодда дархури сиёсиаш буд. Ба таърихи матлуба ин мусофиратро ҳузуран ба олиҳазрат амир изҳор доштам. Олиҳазрат ба навбати худ, пас аз ибрози қадрдонӣ ва ҳақшиносӣ, аз маҷмӯъи байнулақвол, маро бори дуввум равонаи Аврупо фармуд. Баъзе дастхатҳо ба номи Руасои Дуввали Муазамма ба банда эъто фармуд. Хушбахтона, ин банда вазифаи худро, чуноне ки бояду шояд, анҷом дода ва инак онро ба мусулмонони олам арза медорам, то аз саргузашти ин подшоҳ ва қавми бахтбаргашта мутталеъ шаванд. Аз хонандагон таманно дорам, ки дар ин вазифаи муқаддаса, моро кумак фармуда, тамоми бӯҳтонҳо ва ифтироҳои Русияи балшувикиро нисбат ба мо холӣ аз ҳақиқат бидонанд.

Ҷенерал Ҳоҷиюсуф Муқимбой.

**Тамсм шуд.**

PDF Compressor Free Version

PDF Compressor Free Version

# АМИРОНИ БУХОРО

*Амир Ҳайдар* соли 1800 ба тахти амирӣ соҳиб шуда то соли 1826 ҳукмронӣ намуд.

Дар «Таърихи нофеъӣ»-и Муҳаммадалихон чунин омадааст: «чилуси подшоҳии Ҳайдар бини амир Шоҳ Мурод бино ба таърихи 1215/1800-1801 ҳиҷрӣ. Муддати салтанати ӯ 27 сол. Умри ӯ 48 сол буд».

Сулолаи хонадони Аштархониҳо худро аз авлоди пайғамбари ислом-ҳазрати Муҳаммад номида тахаллуси ифтихории сайидиро доштанд. Хонадони сулолаи манғития аз авлоди пайғамбар набуданд. Бинобар он асосгузори ин сулола Муҳаммад Раҳимхон духтари хони охирини сулолаи хонадони Аштархонӣ Абулфайзхонро (1711-1747) ба занӣ гирифт. Бо ин ӯ мақсад дошт, ки насли ояндаи ӯ ба тахаллуси ифтихории сайидӣ мушарраф шавад. Вале аз ӯ фарзанд нашуд. Ин зан ба Шоҳ Мурод зани амак мешуд ва баъди чанд муддат ӯро ба никоҳи худ даровард. Аз онҳо се фарзанд таваллуд ёфт. Калониаш Ҳайдар ном дошт. Азбаски ӯ аз духтари сайид ба дунё омада буд, аз Амир Ҳайдар сар карда амирони Бухоро пеш аз номи худ тахаллуси ифтихории «сайид»-ро истифода мекардагӣ шуданд.

Дар аҳди хукмронии Амир Ҳайдар дар қаламрави Бухоро бисёр ҷангу ҷидол ва задухӯрдҳои байниҳамдигарии феодалӣ вусъат ёфтанд. Бо мақсади бархам додани парокандагӣ ва мутамарказ намудани давлат амир Ҳайдар борҳо ба Самарқанду Ӯротеппа, болооби Зарафшон (Панҷакент, Фалғару Масчоҳ), Шаҳрисабзу Ҳисор лашкар кашидааст. Мувофиқи баъзе маълумотҳо сабабгори марги бемаҳали Амир Ҳайдар писари ӯ Насруллоҳ гардидааст.

*Амир Насруллоҳ* ба таърихи 1242 (1826) ба тахт соҳиб шуда то соли 1860 ҳукм рондааст. Аз рӯи маълумоти «Таърихи нофеъӣ» муддати умраш 63 сол буд.

Насруллоҳ амири бераҳме буд. Ба ӯ «амир кассоб» ном дода буданд. Насруллоҳ фарзанди дуйуми Амир Ҳайдар, иқдом гузошт, ки ҳар чӣ зудтар ба тахти Бухоро соҳиб шавад. Ӯ ҳокими Каршӣ буд ва падараш Амир Ҳайдарро ба тӯи хатнаи писараш Музаффар ба он шаҳр даъват намуд.




PDF Compressor Free Version

Амир Ҳайдар дар тӯй ширкат варзид, вале дар роҳи бозгашт ба Бухоро бемор шуда баъди 18 рӯз вафот кард.

Мирзо Шамси Бухорӣ, ки аз аҳли дарбор буд (хоҳарашро Амир Ҳайдар ба писараш Мир Ҳусайн хонадор карда буд), навиштааст, ки сабаби беморӣ ва марги амир писараш Насруллоҳ буд, ки ба хӯроки падар заҳр омехта кардааст.

PDF Compressor Free Version

Қӯшбегӣ Ҳакимбий марги Ҳайдарро пинҳон намуда хостааст, ки Насруллоҳро аз Каршӣ даъват карда оварад. Вале ин пинҳонкорӣ ба ӯ муяссар нагардид ва Мир Ҳусайн ба тахти Бухоро соҳиб шуд. Ҳакимбий қушбегӣ аз мақсади худ даст накашида буд. Ӯ ба Мир Ҳусайн таомҳои заҳролуд дода сабаби ҳалокаташ гардид. Баъди се моҳи ҳукмронӣ, (мувофиқи маълумоти «Таърихи нофеъӣ» баъди 76 рӯзи ҳукмронӣ) Мир Ҳусайн вафот кард. Вале пеш аз вафоташ ӯ бародараш Мир Умарро аз Кармина даъват намуда ба ҷои худ тавсия намуда аст.

Ҳукмронии Мир Умар дер давом накард (камтар аз ду моҳ) ӯ бештар ба айшу ишрат машғул шуда ба корҳои давлатӣ беаҳмиятӣ намуд. Ин бепарвоӣ сабаби норозигии мардуми Бухоро ва лашкар кашидани Насруллоҳ бо мақсади ишғоли пойтахти аморат гардид. Оқибат Умархон ба Марв, аз он ҷой ба Ҳирот фирор намуд. Баъди як моҳи муҳоҷират Умархон бо роҳи Маймана ба Балх, баъд ба Қаротегин ва аз он ҷой ҳузури хони Қӯқанд меравад. Баъди 15 моҳ ӯ дар ин шаҳр вафот кард ва мувофиқи васият, ҷасадашро ба Бухоро фиристониданд.

Ҳамроҳи Умархон дар Қӯқанд тақрибан 100 нафар аз асилзодагони Бухоро буданд. Ёздаҳ нафари онҳо ҷасадро ба Бухоро расониданд. Амир Насруллоҳ чор нафари онҳоро қатл кард, ҳафт нафарашон роҳи гурезро пеш гирифтанд.

Ҷасади Умархонро дар Мазори Шариф ном қабристон, дар назди қабри Дониёл атолиқ ба хок супориданд.

Мувофиқи маълумоти дарҷ кардаи Мирзо Шамси Бухорӣ Амир Насруллоҳ се бародари дигари худ — Зубайрхон, Ҳамзахон ва Сафдархонро бо зану фарзандонашон қатл намуда, аз даъвогарони тахти амирӣ худро эмин намудааст.

Дар ибтидои 7—8 соли ҳукмрониаш Амир Насруллоҳ, мувофиқи маълумоти Мирзо Шамси Бухороӣ, ҳамаи дарбориён, наздикон ва сипоҳиёни замони Амир Ҳайдарро аз вазифаашон маҳрум намуда ба қатл расонд ва молу мулки ҳар кадом ба манфиати хазинаи амир мусодира шуд.

Ӯ ҷангҳои истилогаронаи зиёде бурдааст. Амир Насруллоҳ ҳокимони вилоятҳоеро, ки барои истиқлоли худ мубориза мебурданд, несту нобуд мекард. Яке аз ин навъ ҳукмронҳо ҳокими Ӯротеппа Рустамбек буд, ки Амир ӯро соли 1858 қатл кардааст. Чанде аз ин пеш, соли 1842, ӯ беки Масчоҳ Ботурхӯҷаро қатл мекунад.

Соли 1842 Амир Қӯқандро ишғол намуда хони он Муҳаммадалихонро бо бародараш Султон Маҳмуд ва модараш, шоираи

PDF Compressor Free Version



ширинбаёни Нодира катл кардааст. Амир Насруллоҳ шӯришҳои халкиро бераҳмона пахш мекард. Бесабаб набуд, ки халк ӯро «Амир Қассоб» номида аст.

Барои пурқувват гардониданн ҳокимияти худ ва ишғоли вилоятҳои ҳамсоя Амир Насруллоҳ соли 1837 урдуи мунтазам, аз ҷумла батальони тӯпчиён ташкил намуд.

Тасвири Амир Насруллоҳ ба қалами мусаввири рус Белоусов (литографияи Радцих) тааллуқ дошта, соли 1843 саёҳи рус

Ханыков дар китоби худ сабт кардааст. Ин аввалин тасвири симои амири Бухоро мебошад.

*Амир Музаффар,* таваллуд 1824 ё 1825, вафот 6 октябри соли 1885, дар Бухоро, 61 сол умр дидааст. То ба ҷои падараш Насруллоҳ ба тахти амирӣ нишастан (1860) ҳокими Кармина буд. Дар замони ҳукмронии ӯ ҳаракати Русия барои ишғол намудани сарзамини Осиёи Миёна оғоз ёфтааст. Аввалин шикасти лашкари Амир Музаффар аз Русия соли 1866 дар назди Ирҷар сурат гирифт. Баъди ин мағлубият лашкари Русия бо осонӣ шаҳрҳои Хуҷанду Ӯротеппаро ишғол намуд. Шикасти дуйум аз Русия баъди ишғоли Самарқанд дар Зирабулоқ рух дод. Амир Музаффар маҷбур мешавад, ки бо Русия шартномаи нобаробарӣ имзо намояд. Мувофиқи ин шартнома, ки 23 июни соли 1868 ба имзо расид, аморати Бухоро протекторати Русия гардид.

Ба Амир Музаффар муяссар гардид, ки бо ёрии лашкари Русия бегии Шаҳрисабз ва қисми ҷануби шарқии аморатро тобеъи худ гардонад.

Дар замони ҳукмронии Амир Музаффар ба назди императори Русия якчанд маротиба сафорат фиристода шуд, ки онҳо изҳори дӯстӣ намуда, кӯшиш кардаанд, ки алоқаи савдоии Бухороро бо Русия васеъ гардонанд.

Тасвири Амир Музаффар дар асари В. В. Крестовский «В гостях у эмира Бухарского» (-С — Петербург, 1887) сабт гардидааст.

*Амир Абдулаҳад* аз соли 1885 то соли 1910 ҳукумронӣ кардааст. Мувофиқи маълумоти «Таърихи нофеъӣ» ӯ 52 сол умр дидааст. Амир Абдулаҳадхон дар замоне ҳукмронӣ кардааст, ки аморати Бухоро тобеъи Русия буд. Ӯ дар Петербург низ таҳсил намуда ба рутбаи генерал-адютант соҳиб шуда генерали армияи савораи рус, сардори полки 5-ми казакҳои Оренбургро ба ӯҳда дошт. Амири суннимазҳаб бо якчанд орденҳои олии Русия сазовор гардида дар гарданаш яке аз ин орденҳо, ки солиби исавӣ буд, кашол карда мегашт.

Тобегии амирони Бухоро ба Русия то ба дараҷае расида буд, ки императори Русия Александри III Аҳадхонро вориси (валиаҳди) тахти Бухоро таин карда буд.

Дар замони ҳукмронии Абдулаҳадхон кӯҳистони Бадахшон ба Русия ҳамроҳ шуда, қисми зиёди Дарвоз тобеи Афғонистон гашт. Дарёи Панҷ сарҳади ин ду давлат шинохта шуд.

Дар аҳди ҳукмронии Аҳадхон ҳаракатҳои халқӣ дар дохили аморат пурзӯр гардид, ки калонтарини он шӯриши Восеъ (1887) дар Балҷувону Ховалинг буд.

Амир Абдулаҳад табъи шоирӣ дошта бо тахаллуси Оҷиз шеър мегуфт, ӯ ба мусиқӣ, алалхусус ба санъати қадимаи «Шашмақом», таваҷҷуҳ дошта, худ низ танбӯр менавохт.

Амир Абдулаҳад аз рафтори рӯҳониёни сернуфузи Бухоро норозӣ шуда пойтахти худро тарк намуда, дар Кармина қарор



PDF Compressor Free Version

PDF Compressor Free Version



гирифта аз ҳамин шаҳр давлатро идора мекард. Ҳатто дар ҳин-ни мухолифат ва катлу ғорати динии байни суннӣён ва шиаҳо дар Бухоро (1910) ӯ супориши русҳоро барои ба Бухоро рафта паҳш кардани он, қабул накард. Ин вазифаро ӯ ба писара... Олимхон супорид.

Тарҷимаи ҳоли Абдулаҳадхон ва писари ӯ Олимхон дар хо-тираҳои ба чоп ҳозир шуда қисман зикр ёфтааст. Тасвири ин амир дар якчанд китобҳо сабт гардидааст. Солҳои ҷавониаш дар асари В. В. Крестовский «В гостях у эмира Бухарского» (чопи С- Петербург, 1887), акси дигари он ба нишонҳои зиёди сарисинагии русӣ дар китоби «Путеводитель по Туркистану и среднеазиатской железной дороги» (чопи С-Петербург, сол...



PDF Compressor Free Version

1903). Ниҳоят, акси ӯ дар хотираҳои писараш Олимхон сабт гардидааст.

Акси Амир Олимхон зиёд боқӣ мондааст, ки мо яке аз онҳоро ба нашр додем.

Барои хонандагони имрӯза қиёфа, симо ва сару либоси олимансабони дарборӣ ва сипоҳиёни рус, ки сарзамини моро ишғол намуда ҳукмронӣ кардаанд, маълум нест. Бинобар он мо зарур донистем, ки тасвири баъзеи онҳоро ба ин китобча дохил намоем.



PDF Compressor Free Version

гирифта аз хамин шахр давлатро идора мекард. Ҳатто дар ҳинния мухолифат ва катлу ғорати динии байни суннийён ва шиаҳо дар Бухоро (1910) ӯ супориши русҳоро барои ба Бухоро рафта пахш кардани он, қабул накард. Ин вазифаро ӯ ба писараш Олимхон супорид.

Тарҷимаи ҳоли Абдулаҳадхон ва писари ӯ Олимхон дар хотираҳои ба чоп ҳозир шуда қисман зикр ёфтааст. Тасвири ин амир дар якчанд китобҳо сабт гардидааст. Солҳои ҷавониаш дар асари В. В. Крестовский «В гостях у эмира Бухарского» (чопи С- Петербург, 1887), акси дигари он ба нишонҳои зебдиҳандаи русӣ дар китоби «Путеводитель по Туркистану и среднеазиатской железной дороги» (чопи С-Петербург, соли



1903). Ниҳоят, акси ӯ дар хотираҳои писараш Олимхон сабт гардидааст.

Акси Амир Олимхон зиёд боқӣ мондааст, ки мо яке аз онҳоро ба нашр додем.

Барои хонандагони имрӯза қиёфа, симо ва сару либоси олимансабони дарборӣ ва сипоҳиёни рус, ки сарзамини моро ишғол намуда ҳукмронӣ кардаанд, маълум нест. Бинобар он мо зарур донистем, ки тасвири баъзеи онҳоро ба ин китобча дохил намоем.



PDF Compressor Free Version

PDF Compressor Free Version

# ТАВЗЕҲОТ

Яке аз сарчашмаи нодири таърихи инқилоби Бухоро асари Муҳаммадалӣ писари Муҳаммадсаиди Балҷувонӣ, мебошад, ки «Таърихи нофеъӣ» номида шудааст. Муаллиф дар асари худ рӯзҳои пурошӯби Бухоро, гурехтани Амир Олимхонро хело муфассал тасвир кардааст. Ҳодисаҳои дар хотираи Амир тасвир ёфта дар «Таърихи нофеъӣ» низ зикр шудаанд. Ин асарро муаллиф байни солҳои 1923-1927 навиштааст. Баъзе фарқияти байни ин ду манбаъи таърихиро мебояд қайд намуд.

1. Таърихи таҳсили Олимхон дар Петербург ғалат зикр ёфтааст. Шояд соли 1891 (дар 13 солагиаш) барои таҳсил ба ин шаҳр рафта мактабро соли 1893 хатм карда бошад.

2. Дар «Таърихи нофеъӣ» ин номҳо чунин зикр ёфтааст: барои бо Афғонистон «иттиҳод баста дӯстӣ» намудан Домулло Қутбиддини судурро бо Тӯрахӯҷаи Нақиб ба ин мамлакат равон карданд.

3. Дар «Таърихи нофеъӣ» муносибати Амир бо инглисҳо чунин тасвир ёфтааст: «панҷоҳ нафар аз аскари низомӣ, аз ҷамоаи «Араббача» «ба чӯли Ишқобод рафта аз давлати Инглис пуламӯт ва милтиқҳои инглисӣ оварданд. Тӯрақулбои Пӯстро бо чиҳил уштур пӯсти барра ба Инглис фиристоданд. Ҳамаро барои дӯстӣ байни Бухоро ва Инглис эълон намуданд».

4. Дар «Таърихи нофеъӣ» чунин омадааст: Подшоҳи Афғонистон Ҳабибуллохон (1901-1919) ба ионати давлати Бухоро шаш фили маҳмудӣ ва 200 нафар аскари чарророро фидоӣ гӯён додааст. Ӯ ҳамчунин ба Амири Бухоро даҳ ҳазор лашкари мусаллаҳ ваъда карда буд. Дере нагузашта Ҳабибуллохон кушта шуда ба сари ҳокимият писараш Амонуллоҳхон омад. Ӯ ваъдаҳои падарашро натанҳо ба ҷинобат нагирифт, балки фармон кард, ки ба амири Бухоро ёрӣ нарасонанд.

5. Мутобиқ ба моҳҳои март-апрели соли 1917. Вале амалиёти Колесов соли 1918 сурат гирифта дар, «Таърихи нофеъӣ» чунин маълумот зикр ёфтааст: Колесов «бисёр марди кордида, далер ва ба ҷангҳо бисёр моҳир буд». Ҳамроҳи Колесов гӯё

«як даҳ ҳазор» аскар будааст, ки шояд муболиға бошад. Мувофиқи маълумоти муаллифи асар, муҳориба рӯзи якшанбе оғоз ёфта аз ҳарду тараф мақтулон зиёд буданд. Рӯзи дигар чанг шиддат гирифта, саркардаи лашкари амир Шамсӣ тӯқсабо кушта мешавад. Муҳориба панч рӯз давом кардааст.

6. Дар як вақт бо элчиёни ба Афғонистон равон карда Олимхон ду шахси мӯътабари Бухоро — Эшони Бурҳонхони Хиёбонӣ ва Домулло Бурхониддин махдуми Кӯлобиро ба Хоразм мефиристад. Хоразм ва Бухоро дар натичаи гуфтушунид,— ба қавли муаллифи «Таърихи нофеъӣ»-«камари муқовамат баста, ҳама якдил шуданд, ки бо ҳамроҳии Русия муқовамат намоем. Ба ҳар хусус қудрат дорем, гуфта тамаъи хом доштанд. Тамоми омму хоси давлат хурсандӣ намуда дар ҳаққи ду шоҳ, балки се шоҳ (амири Афғонистон низ-А. М.) дуоҳои музаффарона намуданд».

7. Дар «Таърихи нофеъӣ» ин воқеа ба таври зайл зикр ёфтааст (интихобан): аскарони Бухоро роҳҳои оҳан ва телеграфро бурида «бесариштагӣ дар давлати шӯроӣ ба вуқӯъ пайвастаанд». Амири Бухоро, бо ибораи Муҳаммадалӣ, Бухороро рӯ ба тараққӣ пиндошта «аз рӯи бемулоҳизагӣ дар роҳҳои вогуни (роҳи оҳан-А. М.) Русия қаравулҳо насб намуданд ва дар ҳар истанса қариб ба сад нафар, зиёда аз он аз сарбозон барои муҳофизати мамлакат ва тафтиши эшонро дар вогунҳо насб карданд. Ба фармони ҳокимони худ поездҳои шӯроиро чустучӯ намуда, саллотони русро ташвиш медоданд. Саллотони Русия ба сарбозони Бухоро эълон карданд, ки дар роҳҳои моён қаровулӣ накунед гуфта, баъзеро танбеҳ додаанд. Ин тафтишҳои асокири Бухоро баъзе ба муқовамати онҳо буд, ки давлати Шӯроӣ Русия Хоразмро гирифт.

8. 21 августи соли 1921. Ин сана ғалат сабт шудааст.

9. Дар «Таърихи нофеъӣ» омадааст, ки дар фазои Бухоро се адад айроплон (самолёт), ки «тӯбхон бумбагӣ» доштанд, қаровулӣ мекард ва ба ҳар кучо афвочи (фавчи) аскар бошад, бомба партофта ба ҳалокат мерасонид.

10. 4 марти соли 1921.

11. 6 марти соли 1921.

Оқибат ҳукумати Туркистон ба ҳузури амир 27 нафар «одамони корандаро барои ислоҳ равон кард. Аскарони Бухоро бо ҳамроҳии қароқалтоқон ҳамла намуда, элчиёнро мақтул кардаанд. Баъди қатли элчиён муҳорибаи сахт ба вуқӯъ омада аз ҳарду тараф сафи куштаshудагон меафзояд.

12. Як лак-сад ҳазор нафар.

13. Мақсуди даҳуми «Таърихи нофеъӣ» ба ин воқеаҳо бахшида шуда «Дар баёни аҳволи амалдорон, фуқаронён баъд аз гурехтани онҳо ба ҳамроҳии Амир Олимхон ба Афғонистон ва аз намунаи ҳолати онҳо баъд аз омадан ба Бухоро ва навоҳии он» номида шудааст. Ба қавли муаллифи асар, як қисми ман-



PDF Compressor Free Version

сабдорон ва онон, ки ҳамроҳи амир ба Афғонистон фирор карда буданд, баъди 3-4 моҳи муҳоҷират маҷбур шудаанд, ки ақиб баргарданд. Байни баргаштагон инҳо буданд: Ҳокими Ҳисор Авлиёқулбек девонбегӣ, Дониёл инок, Мулло Абдулҳакими Савлат — қозии баладн Шеробод, Абдулло Бойбачаи қаровулбегии ғиҷдувонӣ, Мурод Паҳлавони Пайкандӣ ва дигарон.

PDF Compressor Free Version

Баъзе аз баргаштагон, мувофиқи маълумоти Муҳаммадалӣ ба шӯрои Бухоро хизматгор шуда, як навъ рӯзгузаронӣ намудаанд. Баъзе аз онҳо либоси беинсофиро пӯшида ба ҳукумати Шӯро муқовамат варзида, қуттоъ тариқ (роҳзан) шуда, моли мардумонро тороҷ намуда, худҳоро ғарқи дарёи сел намудаанд. Онҳо ба тариқи низомию аскар шуда ҷамоа-ҷамоа мамлакатро асири нафси шаҳвонии худҳо намудаанд».

Аз номбурдагон Абдулҳакими савлат дар як ҳикояи «Наводири зиёия»-и Садри Зиё тасвир шудааст.

Абдулло бойбача дар «Ғуломон»-и С. Айнӣ тасвир ёфтааст.

14. 17 маи соли 1921.

15. Дар мақсуди ёздаҳуми «Таърихи нофеъӣ» муаллиф навиштааст, ки босмачигарӣ аз вақти гурехтани Олимхон аз Бухоро ба Ҳисор оғоз ёфтааст. Ба қавли ӯ «вақто ки Амир Олимхон мағлуб шуда ба сӯи Ҳисор фирор намуд, баъзе аз асокире, ки аз ҷанг гурехта буданд, дар ҳамон рӯзи мағлубияти амир тариқаи роҳзанӣ ва босмачигариро иҷро намуда буданд. Ва низ баъзе одамоне, ки бо ҳамроҳии амир рафта буданд, гашта омада, тариқи босмачигариро ташвиқ намудаанд».

Муҳаммадалӣ навиштааст, ки бисёрии раият аз дасти босмачиён ба танг омада «ҳамаи молу амвол, зану фарзанд асири он ҷамоаи авбош мебуданд».

16. Истифсор— пурсидан, хабар гирифтан.

17. Доир ба иштирок ва сарварии Анвар подшоҳ ба ҳаракати босмачиён, муаллифи «Таърихи нофеъӣ» чунин хулоса баровардааст: «Бояд донист, ки дар замони босмачӣ шудани Анвар подшоҳ, тамоми босмачиён вилояти Туркистон дар тараққӣ шуданд. Ҳукумати Шӯро низ хавфи азим дошт ва дар вилояти Қошғару Афғонистон низ дар он ҳин босмачиён тараққӣ намуданд, зеро ки Анвар подшоҳ аз давлатҳои берунӣ ба онҳо асбобу яслиҳаи ҷангро оварда ионат медодааст. Баъд аз фавти Анвар подшоҳ ҳамаи босмачиён мағлуб шуда рӯй ба нестӣ оварданд». Тасвири амалиёти босмачигариро Муҳаммадалӣ бо чунин дуо хатм намудааст: «Илоҳо, диёри мо Туркистонро аз балои босмачӣ ва хунрезии бағайриҳақ дар амон дорӣ!»

18. 12 июни соли 1927.

19. 12— 13 соли 1927. Шояд мазори Ҳазрати Султони ноҳияи Ховалинг бошад.

20. Аввали соли 1345 ҳиҷрӣ ба моҳи январи соли 1927 иттифоқ меафтад.

21. Санаҳои ҳукмронии подшоҳон ғалат зикр шудаанд. Маълум мешавад, ки Олимхон таърихи мулки худро бояду шояд наомӯхтааст. Тоифаи манғит аз соли 1753 то соли 1920 дар Бухоро ҳукм рондааст.

22. Дар ин ҷо сулолаҳои баъди Сомониён ҳукмронда ба назар дошта шудааст, ки онҳо туркнаҷод буданд.

PDF Compressor Free Version

23. Ба қавли Муҳаммадалӣ, дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳон Русия гӯё аз Амири Бухоро ионат пурсидааст. Амир барои ёрӣ расонидан омодагӣ намуда, ба Русия 10 дона «тӯпҳои ҷаҳонгир», 500 дона милтиқҳои панҷтира, 1500 аспи хубро аз фуқаро гирифта ионат намудааст. Ӯ навиштааст, ки «подшоҳи Бухоро аз ҳар бобат ионатро дареғ надошта ҷонсипорӣ менамуд». Ҷонсипорӣ ба императори Русия дар бисёр вилоятҳо сабаби хонахаробии мазлумон гардидааст. Масалан, аспҳои ба Русия равон намударо аз аҳолии Бухорои Шарқӣ низ ҷамъ намудаанд. Мулозимони амир аҳолиро маҷбур мекарданд, ки аспҳои худро ба Самарқанд бурда бо нархи арзон супоранд. Ин навъ сиёсати хушомадгӯӣ нисбат ба императори Русия сабаби шуришҳои халқӣ дар ҳудуди аморат гардидааст. Яке аз ин ҳаракатҳо соли 1916 вилояти бекнишини Балҷувонро фаро гирифта буд.

24. Қадом моҳ сурат гирифтани воқеа зикр наёфтааст.

25. Дар асарҳои таърихӣ ғалабаи инқилоби Бухоро 2-уми сентябри соли 1920 зикр шудааст.

26. Соли ҳукмронии падари Олимхон—Аҳадхон иштибоҳан зикр ёфтааст (шояд бо айби матбаа бошад). Ӯ аз соли 1885 то соли 1911 ҳукм рондааст.

27. Дар ин ҷо шояд се писари Олимхонро ба назар дошта бошанд: Султон, Шоҳмурод ва Раҳим.

28. 15 муҳаррами соли 1298 ҳиҷрӣ мутобиқ аст ба 19 декабри соли 1880.

PDF Compressor Free Version

## МУНДАРИЧА

Сарсухан . . . . . . . . . . . . . . 3
Хотирахои Амир Олимхон . . . . . . . . . 11
Амирони Бухоро . . . . . . . . . . . 33
Тавзехот . . . . . . . . . . . . . . 40

PDF Compressor Free Version

Хотираҳои Амир Олимхон. Душанбе, «Адиб», 1992.—48 с.
ISBN 5—8362—0692—9

Китобчае, ки хонандаи азиз, дар даст дорӣ, саргузашти Амир Олимхон аст, ки Амир худ ҳикоят мекунад. Он бори аввал дар Ҷумҳурӣ ба табъ расида ба ту имкон медиҳад, ки бо як порчаи ҳақиқати таърихи халқи хеш ошно гардӣ.

X $\frac{4703020100 — 101}{М 503(12) — 92}$ — бе эълон. ББК 84 Р 7—3

PDF Compressor Free Version

Барои ҷавонон

ВОСПОМИНАНИЕ АМИРА ОЛИМХОНА

(на таджикском языке)

Мусаввир В. Пўлодов
Муҳаррири ороиш У. Ашуров
Муҳаррири техникӣ М. Саидова
Мусаҳҳеҳон Ш. Сангимуродов ва
Д. Бобокалонова

PDF Compressor Free Version

БИ № 814

Ба матбаа 19.12.91 таҳвил гардид. Барои чоп 04.03.92 имзо шуд. Андозаи 60×90¹/₁₆. Коғази газетӣ. Гарнитураи адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 3,75. Ҷузъи рангаи шартӣ 4,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 3,02. Адади нашр 100000. Супориши № 6087. Нархаш 5 сӯм.

Нашриёти «Адиб», 734003, Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33.

Матбааи аввалини Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба матбуот. 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

PDF Compressor Free Version

**Нашриёти «Адиб» тасмим гирифтааст романи «Абӯмуслимнома»-ро манзури хонандагон гардонад.**

Романи «**А б ӯ м у с л и м н о м а**» шоҳкории насри дилангези ҷавонмардонаи форсист, ки ба қалами **Муҳаммад Абӯтоҳири** Тартӯсӣ дар охирҳои асри XV ба вуҷуд омадааст. Шаҳомати ин асар ба шахсияти пешвои ҷавонмардони Хуросон — Абӯмуслиму ҳаммаслаконаш бахшида шуда, дар тамоми мамолики машриқзамин шӯҳрати хоса дорад.

PDF Compressor Free Version

